**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 323(092) (575.3)
ТКБ 66.3 (2тоҷик)
А-14

**Абдулло Далер Абдулло**

# НАҚШИ НИҲОДИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҲИФЗУ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ
**(таҷрибаи Тоҷикистон)**

Автореферати
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 –
Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**Душанбе - 2023**

**Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ омода гардидааст**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Хидирзода Махфират Умар** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Шарифзода Лоҳутӣ Шарифзода** – доктори илмҳои сиёсӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон<br>**Абдуллоев Насуло Сайфуддинович -** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** |

Ҳимояи диссертатсия «1» марти соли 2024, соати «$13^{00}$» дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «     »____________соли 2024 фиристода шудааст.

И.в. котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих                                        Акрамӣ З.И.

## Муқаддима

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Истиқлол муҳимтарин рукни давлатдорӣ буда, ба даст овардан ва устуворгардонии он аз ҳар халқу миллат талошҳои зиёдро тақозо менамояд. Ин воқеиятро мо дар таҷрибаи Тоҷикистон шоҳид будем. Комёб буданамон дар самти ҳифзу таҳкими истиқлоли кишвари мо ба заҳмату роҳнамоӣ, нияти нек, иродаи қавии сиёсӣ ва кӯшишҳои ватанхоҳонаи шахсияти бузурги таърихӣ, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста мебошад. Ҷанбаи мазкур далели бебаҳси таърихӣ буда, таҷрибаи давлатдории навин онро собит месозад.

Берун овардани кишвар аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, тақвияти сулҳ ва ваҳдати миллӣ, ба вуҷуд овардани «фарҳанги сулҳи тоҷикон», таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ислоҳоти фарогир, эҳёи аркони фалаҷшудаи идоракунӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ, ташаккули низоми қонунгузории миллӣ, боло бардоштани мақоми забони тоҷикӣ, эълони чор ҳадафи стратегии Ҳукумат, фароҳам намудани шароити созгор барои тиҷорату ҷалби сармоя, оғози сохтмони неругоҳҳои барқи обии зиёд, аз ҷумла НБО «Роғун», ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об, кӯшишҳо баҳри кам гардонидани фарқи байни шаҳр ва деҳот, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагӣ, коҳиши камбизоатӣ, афзоиши бесобиқаи Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, буҷети давлат ва маошу нафақа намунаҳо аз ҷамъи дастовардҳои давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб мераванд.

Эътироф бояд кард, ки дар ин самт корҳои зиёд амалӣ шудаанд. Тасвири ҳамаҷонибаи корнамоии шахсиятҳои таърихӣ кори як шахс ва ҳатто як даврони таърихӣ нест. Нобиғаҳо дар як замон зиндагӣ мекунанд, вале ғояашон таърихи ояндаро комил месозад. Дар ҷаҳони муосир зиёд иттифоқ афтодааст, ки бо технологияҳои гуногуни сиёсӣ ашхоси қобили ситоиш ва эътимоду арҷгузоринабударо шахсияти бузургу нотакрор вонамуд созанд. Вобаста ба ин, мавзуи диссертатсияи мо аҳамияти хоси илмию амалӣ дорад.

Муҳиммияти масъалаи таҳқиқшавандаро, инчунин, бо он асоснок намудан мумкин аст, ки дар байни масъалаҳои мубрами назария ва амалияи сиёсатшиносии муосир ба даст овардан ва таҳкими истиқлоли давлатӣ мақоми меҳварӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳои иҷтимоию сиёсии пайдоиш, марҳилаҳои асосии таърихӣ, муайян намудани раванди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ аз ҷониби ин ё он халқу миллат на танҳо аҳамияти бузурги илмию назариявӣ, балки амалӣ низ касб кардааст.

Таҳқиқи раванди мазкур тақозо менамояд, ки нақши шахсияти таърихӣ ва сарвари сиёсӣ дар ин масири созандагиҳо ҳамаҷониба омӯхта шавад. Омӯзиш на ба хотири парастиши шахсият, балки ба хотири муайян намудани хусусиятҳои сарварӣ, малакаи идора намудани ҷомеа дар шароити гуногуни таърихию сиёсӣ, роҳҳои бартараф намудани мушкилиҳо, василаҳои амалӣ намудани идоракунии давлат, истифодаи технологияҳои гуногуни рафъи зиддияту ихтилоф дар ҷомеа, дарёфти механизмҳои ташкили ҳамкориҳои

самарабахш бо оламӣ беруна, қобилияти дарки мушкилиҳои пайдошаванда на танҳо дар дохили кишвар, балки дар арсаи байналмилалӣ хосияти сирф илмӣ дорад. Ин ҷанба мубрамияти омӯзиши мавзуъро боло мебарад.

Дар ин раванд имкони шаклгирии андеша ва диди таърихию сиёсӣ ба раванди умумии ташаккули давлатдории миллӣ дар шароити нав ба даст омада, бахри воқеъбинона таҳқиқу хулосабарорӣ намудан аз марҳилаи муайяни таърихии рушди давлатдорӣ замина муҳайё мегардад.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки муайян намудани нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ ва таҳлили ҷанбаҳои сиёсии масъала дар шароити ҳассоси тағйироти геополитикӣ, аз байн рафтани низоми давлатдориҳои гуногун аҳамияти рӯзафзун касб намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи масъалаи нақши сарвари сиёсӣ дар равандҳои сиёсӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳи сиёсатшиносон қарор дорад. Аз ин хотир, ба масъалаи таҳқиқшаванда теъдоди зиёди таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудаанд. Бо мақсади таҳқиқи комили мавзуи рисола мо ба маҷмуи осори муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ мурочиат намуда, бахри осон гаштани таҳлили илмӣ онҳоро ба якчанд гурӯҳ ҷудо намудем.

**Ба гурӯҳи аввал** осори муҳаққиқони Ғарб вобаста ба масъалаҳои истиқлоли сиёсӣ ва сарвари сиёсӣ дохил мешаванд. Асарҳои Афлотун, Арасту, Г. Гротсий, М. Ситсерон, Плутарх, Н. Макиавелли, М. Вебер, Т. Т. Гоббс, Ж. Ж. Руссо, Ж. Боден, Ҷ. Локк, Ф. М. Волтер, Ф. Гегел, Р. Арон, Ш.Монтескё, И.Алтузиус, В. Менделсон, С. Соренсен, Р. Н. Хаас, А., Р. Дафт, Ҷ. Блондел, Т. Карлейл[1] ва дигарон аз ҳамон ҷумлаанд. Олимони зикргардида дар масъалаи

[1] Платон. Собрание сочинений [Текст]: в 4 томах / Платон. – М., 1993. – Т.3. – 680 с.; Аристотель. Сочинение [Текст]: в 4 томах / Аристотель; пер. с древнегреч.; общ. ред. А.И. Доватура. – М.: Мысль, 1983. – Т.4. – 830 с.; Боден, Ж. Шесть книг о государстве [Текст] / Ж. Боден; пер. с фр. Н.А. Хачатурян // Антология мировой политической мысли: в 5 томах. – М.: Мысль, 1999. – Т.2. – С.688-695.; Руссо, Ж.Ж. Об общественном договоре или принципы государственного права [Текст] / Ж.Ж. Руссо. – М.: Скирмунта, 1908. – 146 с.; Локк, Дж. Сочинения [Текст]: в 2-х томах / Дж. Локк. – М., 1960. – Т.2. – 668 с.; Вольтер, Ф. Избранные произведения [Текст] / Ф. Вольтер. – М.: Госполиздат, 1947. – 646 с.; Гегель, В.Ф. Философии духа [Текст] / В.Ф. Гегель. – М., 1977. – 470 с.; Арон, Р. Демократия и тоталитаризм [Текст] / Р. Арон; Пер. с фр. Г.И. Семенова. – М.: РИФ, 1993. – 303 с.; Монтескье, Ш.Л. Избранные произведения [Текст] / Ш.Л. Монтескье. – М., 1955. – 800 с.; Мендельсон, В. Суверенитет в рамках атаки на международное сообщество Аль-Каидой [Текст] / В. Мендельсон // Европейский журнал международных отношений. – 2009. – №15 (2). – С.291-318.; Соренсен, С. Суверенитет: Обновление и преемственность в фундаментальных институтах [Текст] / С. Соренсен // Журнал политических исследований. – 1999. – С.590-604.; Haass, Richard N. Sovereignty: Existing rights, evolving responsibilities [Electronic resource] / Richard N. Haass. – Mode of access: https://2001-2009.state.gov /s/p/rem/2003/16648.htm (accessed: 01.12.2018).; Дафт, Р. Уроки лидерства [Текст] / Р.Л. Дафт; при участии П. Лейн; Пер. с англ. А.В. Козлова; Под ред. И.В. Андреевой. – М.: Эксмо, 2006. – 480 с.; Блондель, Ж. Политическое лидерство. Путь к всеобъемлющему анализу [Текст] / Ж. Блондель. – М., 1992. – 540 с.; Карлейль, Т. Герои, почитание героев и

давлат, истиқлоли давлатӣ ва нақши сарвар дар идоракунии он ақидаҳои пурарзиши илмӣ баён намудаанд. Масалан, Афлотун вобаста ба ин мавзуъ қайд мекунад, ки: «Давлат, то он вақте ки ягона аст, имкони васеъшавӣ дорад. Аз ин рӯ, подшоҳон ва муҳофизон бояд назорат кунанд, ки он на аз ҳад зиёд калон ва на аз ҳад зиёд хурд шавад».[1]

Арасту бошад, шаклҳои дурусту нодурусти идоракунии давлатиро ҷудо намуда, дар баъзе масъалаҳои вобаста ба давлат Афлотунро танқид мекунад. Ӯ «полис»-ро ҳамчун шакли комили ҷомеа мешуморад.

Ж.Боден давлатро танҳо аз нуктаи назари ҳуқуқҳои фитрӣ, ки асоси онҳоро меъёрҳои динӣ ҳамчун ҷузъи муҳимтарини таркибии ҳуқуқи одатӣ ташкил медиҳанд, бе тақсим намудани ҳуқуқҳои инсон ба гурӯҳҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, бидуни тақсимоти ҳуқуқ ба чунин соҳаҳои ҳуқуқ, ба монанди ҳуқуқи маъмурӣ ва конститутсионӣ, баррасӣ менамояд[2].

Адабиёти **гурӯҳи дуюмро** асарҳое ташкил менамоянд, ки дар бораи мақом ва ҷойгоҳи институти Пешвои миллат таҳия гардида, омилҳо ва сабабҳои ташаккули онро мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосагирӣ қарор додаанд. Қобили зикр аст, ки дар ин бобат таълифот зиёд буда, маҳз ба асарҳое, ки қаробату умумияташон ба мавзуъ ҳувайдо аст, таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. Ин омил замина фароҳам овард, ки масъалаи мавриди назар амиқтар таҳқиқ шуда, моҳияти он таври возеҳ ва бо истинод ба далелҳои раднопазир бозгӯӣ гардад.[3]

Ба **гурӯҳи сеюми** адабиёт осори илмии олимони русро шомил кардем, аз қабили В. М. Гессен, Н. М. Марченко**,** М. В. Глигич-Золотарева, К. Варе, А.

героическое в истории [Электронный ресурс] / Т. Карлейль; Пер. В. Яковенко. – 3-е изд. – Спб., 1908. – Режим доступа: http://ww.marsexx.ru/lit/karlel-geroi.htm (дата обращения: 12.08.22).

[1] Кочесоков, В.Э. Идеальное государство Платона [Электронный ресурс] / В.Э. Кочесоков. – Режим доступа: https://kbsu.ru/idealnoe-gosudarstvo-platona/ (дата обращения: 23.05.23).

[2] Ниг.: Боден, Ж. Шесть книг о государстве [Текст] / Ж. Боден; пер. с фр. Н.А. Хачатурян // Антология мировой политической мысли: в 5 томах. – М.: Мысль, 1999. – Т.2. – С.688-695.

[3] Ҳаким, А.Р. Пешвои миллӣ будани Эмомалӣ Раҳмон рисолати ӯст [Манбаи электронӣ] / А.Р. Ҳаким. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2015/11/ (санаи муроҷиат: 05.05.2023); Имомзода, М.С. Пешвои наҷотбахши давлату миллат, меъмори давлатдории навини тоҷикон [Манбаи электронӣ] / М.С. Имомзода. – Низоми дастрас: https://sadoimardum.tj/ (санаи муроҷиат: 14.05.2023); Раҳмон, Ю.А. Истиқлолияти Тоҷикистон ва Пешвои миллат. Манбаи электронӣ] / Ю.А. Раҳмон. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2020/09/ (санаи муроҷиат: 17.05.2023); Маҳкамов, Қ. Пешвои наҷотбахши давлату миллат, меъмори давлатдории навини тоҷикон [Манбаи электронӣ] / Қ. Маҳкамов. – Низоми дастрас: https://sadoimardum.tj/ (санаи муроҷиат: 17.05.2023); Муҳаммадзода, П. Эмомалӣ Раҳмон - меъмори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] / П. Муҳаммадзода. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2021/11/ (санаи муроҷиат: 19.05.2023); Абдулло, Д.А. Муҳаббатномаи мардум ба фарзанди фарзонаи миллат [Матн] / Д.А. Абдулло // Садои мардум. – 2022. – 5 декабр.

С. Яшенко, О. Е. Лейст, П. В. Волоков, Э. В. Тадевосян, В. Е .Сафонов, В. Д. Зоркин, Г. Еллинек, Н. И. Грачев, К. Шмидт, Д. Агамбен[1] ва дигарон.

Н.М.Марченко менависад, ки: «Мафҳуми соҳибихтиёрӣ аз рӯйи моҳият ва хусусияти худ категорияи сиёсию ҳуқуқӣ, дурусттараш, категорияи давлатию ҳуқуқӣ буда, дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъият - иқтисодию иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад ва инъикос менамояд. Мазмуни воқеии сохибихтиёрии давлатро на танҳо воқеияти моддикунонидашудаи ҳуқуқӣ, балки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар масъалаҳои ҳаёти воқеӣ пурра мекунанд».[2]

Олимони зикргардида бештар ба масъалаҳои назариявии истиқлол ва рушди федерализм дахл намуда, таҷриба ва амалияи кишвари худро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додаанд.

Ба **гурӯҳи чорум** осори мутафаккирони гузашта ва таҳқиқоти олимони муосири ватаниро ворид намудем. Аз ҷумла, Ал-Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Низомулмулк, Абдураҳмон ибни Халдун, аз муҳаққиқони муосир М. Диноршоев, Ш. Шоисматуллоев, С. Шарипов, Г. Н. Зокиров, А. Н. Муҳаммад, С. С. Ятимов, К. Олимов, М. У. Хидирзода, М. Акмалова, С. Фаттоҳзода, Х. Сафарализода, Ш. Ш. Ризоён, А. Ё. Комилбек, А. Раҳнамо, Р. Ҳайдаров, А. Ғ. Холиқов, А. Имомов, Ҷ. Маҷидов, Б. М. Холназаров, З. М. Исмоилзода, М. Шакурӣ, М. С. Ҳакимов, Д. Қ. Раҳимов[3] ва дигарон пажӯҳишу таҳлилҳои

---

[1] Гессен, В.М. Основы конституционного права [Текст] / В.М. Гессен. – Петроград: Юрид. кн. скл. «Право», 1918. – 445 с.; Марченко, М.Н. Общая теория государства и права [Текст]: в 2-х томах / М.Н. Марченко. – М.: Зерцало, 1998. – Т.1. – 715 с.; Глигич-Золатарева, М.В. Теория федерализма Александра Ященко [Текст] / М.В. Глигич-Золоторева // Конституционно – правовые идеи в монархической России: сборник статей. – М.: Институт государства и права РАН, 2007. – С.106-128.; Лейст, О.Э. История политических и правовых учений [Текст] / О.Э. Лейст. – М.: Зерцало, 2000. – 688 с.; Тадевосян, Э.В. К вопросу о характере государственной власти субъекта федерации [Текст] / Э.В. Тадевосян // Государство и право. – 2000. – №3. – С.17-26.; Ященко, А.С. Теория федерализма. Опыт синтетической теории права и государства [Текст] / А.С. Ященко. – Юрьев: Тип. К. Маттисена, 1912. – 852 с.; Сафонов, В.Е. Государственное единство и территориальная целостность в судебных решениях: международные и конституционно – правовые аспекты [Текст] / В.Е. Сафонов. – М., 2008. – 400 с.; Зорькин, В.Д. Апология Вестфальской системы [Текст] / В.Д. Зорькин // Россия в глобальной политике. – М., 2004. – №3. – май-июнь. – С.18-25.; Еллинек, Г. Общее учение о государстве [Текст] / Г. Еллинек. – Спб.: Юрид. центр Пресс, 2004. – 750 с.; Грачев, Н.И. Проблемы государственного устройства России в свете тенденций общемирового политического развития [Текст] / Н.И. Грачев // Вестник СГАП. – 2006. – С.11-24.; Шмитт, К. Политическая теология. Четыре главы к учению о суверенитете [Текст] / К. Шмидт. – М.: Канон-Пресс, 2000. – 336 с.; Агамбен, Д. Суверенная власть и реальная жизнь [Текст] / Д. Агамбен – М., 2011. – 256 с.

[2] Марченко, М.Н. Государственный суверенитет: проблемы определения понятия и содержания [Текст] / М.Н. Марченко // Правоведение. – 2003. – №3. – С.186-197.

[3] Камилов, Р. Социально-утопические учения в истории таджикско-персидской культуры [Текст] / Р. Комилов. – Душанбе, 2001. – 110 с.; Маджад, Ф. Философские тенденции в исламском мире [Текст] / Ф. Маджад; Перев. с перса. – Центр публикации университета, 1372. – 324 с.; Халдун, А. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; мутарҷим аз арабӣ ба форсӣ М.П. Гунободӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2019. – Ҷ.1. – 639 с.; Шоисматуллоев, Ш. Таджикистан в годы независимости: социальные и

арзишманд анҷом додаанд.

А. Н. Муҳаммад вобаста ба масъалаи истиқлолу озодӣ ба он назар аст, ки: «Бе фаҳми дурусти истиқлолият ҳамчун озодии сиёсӣ тамоюлҳои тағйирот, инкишофи ҳаёти сиёсӣ тавсифи консептуалии онҳо номумкин аст. … Маҳз ба туфайли соҳибистиқлолии давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар анҷуманҳои Созмони Милали Муттаҳид на фақат иштирок доштанд, балки аз минбарҳои баланди он ба ҷаҳониён аз пайдоиши давлати нав нақшаву мароми он ва сиёсати дохилию хориҷии он ахборот доданд»[1].

С.С. Ятимов самтҳои гуногуни таҳким ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, аз он ҷумла хирадсолорӣ, илм ва амният, идеология ва манфиатҳои миллӣ, маориф, фарҳанг ва нақши онҳоро дар ҳифзу таҳкими манфиатҳои миллӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин раванд ӯ ба мавқеъ ва нақши сарвари сиёсӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст.

Г.Н.Зокиров масъалаҳои назариявӣ ва методологии давлат ва истиқлоли давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, роҳу воситаҳои дарки амиқ ва дарёфти механизмҳои ҳимояи босуботи онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ манфиатҳои миллиро ҳамчун омили меҳварии рушди давлатдорӣ муайян намуда, дигар масъалаҳои рушди ҷомеаро аз он вобаста медонад.

М. У. Хидирзода доир ба сарварӣ ва нақши сарвар дар низоми идоракунӣ, таҳлили иҷтимоию сиёсии ҳокимият, сарварӣ ва идоракунӣ, нақши ниҳоди сарварӣ дар ҷомеаи тағйирпазир ва дигар масъалаҳои ба ин мавзуъ вобаста таҳқиқот анҷом додааст.

Дар тафовут аз осори илмии олимони зикргардида мо кӯшиш намудем, ки нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун объекти омӯзиш дар раванди истиқлол ва ҳифзу таҳкими он мавриди таҳқиқ қарор диҳем.[2]

---

социокультурные трансформации [Текст] / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: Дониш, 2018. – 159 с.; Акмалова, М.А. Политические проблемы и специфические особенности государственного суверенитета Республики Таджикистан [Текст] / М.А. Акмалова. – Худжанд, 2018. – 235 с.; Холназаров, Б.М. Особенности приобретения национальной независимости в Таджикистане и пути ее укрепления [Текст]: Автореф. дисс... канд. полит. наук / Б.М. Холназаров. – Душанбе, 2006. – 24 с.; Исмоилзода, З.М. Государственный суверенитет в системе международных отношений в условиях глобализации (опыт Таджикистана) [Текст]: Автореф. дисс... канд. полит. наук / З.М. Исмоилзода. – Душанбе, 2019. – 25 с.; Раҳимов, Д.Қ. Хусусиятҳои инкишофи давлати миллӣ дар шароити муосир (дар мисоли Тоҷикистон) [Матн]: Автореф. дисс... ном. илм. сиёсӣ / Д.Қ. Раҳимов. – Душанбе, 2022. – 25 с.; Хакимов, М.С. Особенности становления политического суверенитета таджикского народа [Текст]: Автореф. дисс… канд. полит. наук / М.С. Хакимов. – Душанбе, 2005. – 25 с.

[1] Муҳаммад, А. Истиқлол ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ [Матн] / А. Муҳаммад. – Душанбе, 2021. – С.19.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24.04.2010 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 27.12.2019); Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.01.2015 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http: //www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 30.03.2020); Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия мутобиқи нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ таҳти унвони «Мавқеъ ва нақши ниҳодҳои давлатӣ дар таъмини суботи сиёсии ҷомеаи тоҷик» барои солҳои 2019 -2023 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** муайян ва асоснок намудани заминаҳои сиёсии ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи мазкур иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- таҳлилу баррасии мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлоли давлатӣ ва асоснок намудани мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он;
- муайян ва асоснок намудани заминаҳои таърихию сиёсӣ ва консептуалии омӯзиши нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими давлатдорӣ;
- таҳлил ва ошкор намудани моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- омӯзиш ва муайян намудани нақши сарвари сиёсӣ дар бартараф намудани низои шаҳрвандӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон;
- муайян ва асоснок намудани мақом ва нақши ниҳоди президентӣ дар пойдор гардидани истиқлоли давлатии Тоҷикистон;
- таҳлил ва асоснок намудани хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва тақвияти эътимоди ҷомеа ба он ҳамчун омили таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ.

**Объекти таҳқиқот** – нақши ниҳоди Пешвои миллат дар таҳкими истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон мебошад.

---

Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.04.2014 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17.04.2020); Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17.05.2020); Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://prezident.tj (санаи муроҷиат: 12.02.2021); Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2016 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 17.11.2019); Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.12.2018 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 12.04.2019); Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2018. – 436 с.

**Мавзуи таҳқиқот** – муайян ва асоснок намудани хусусияти ташаккули давлати соҳибистиқлол ва нақши ниҳоди Пешвои миллат дар таҳкими истиқлоли давлатӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Саҳми шахсиятҳо дар ташаккул ва рушди давлату миллатҳо хеле бориз буда, таҷрибаи таърихӣ ва сиёсӣ собит намудааст, ки маҳз тавассути роҳбарӣ ва роҳнамоии онҳо инсоният ба саодат расидааст. Аз ин лиҳоз, нақши муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлоли давлатӣ муҳимму меҳварӣ буда, муайян ва асоснок намудани ҷанбаҳои сиёсии масъала аҳамияти хоси илмию амалӣ дорад. Таҳқиқи он имкон медиҳад, ки заминаҳои илмию амалии раванди таърихии ташаккули давлати муосири миллии тоҷикон асоснок ва нақши ниҳоди Пешвои миллат дар он муайян карда шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** осори илмӣ ва таҳқиқоти олимони барҷастаи гузашта ва имрӯза, сиёсатмадорони сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки заминаи устувори таҳқиқи масъалаи истиқлоли давлатӣ ва нақши шахсиятҳо дар таҳкиму ҳифзи онҳоро гузоштаанд. Ҳамчунин дар раванди таҳқиқи мавзуъ асарҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин доираи васеи сарчашмаҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва маводи омории мақомоти гуногуни давлатӣ истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми таҳияи диссертатсия мо бештар аз методҳои илмҳои сиёсӣ, махсусан таҳлилӣ, таърихӣ, тарҳрезии сиёсӣ, системанокӣ, муқоисавӣ, коммуникатсионӣ, ояндабинӣ ва мушоҳидавӣ, истифода бурдем.

Тавассути истифодаи методи таҳлилӣ раванди ташаккул ва таҳкими истиқлоли давлатӣ, инчунин ташаккули ниҳоди сарварӣ, аз ҷумла ниҳоди Пешвои миллат, ҳаматарафа баррасӣ гардида, хулосаҳои зарурӣ бароварда шуд.

Методи таърихӣ дар таҳқиқот имкон дод, то масири соҳиб шудан ба соҳибистиқлолӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусиятҳои таърихию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва нақши таърихии ӯ дар раванди давлатсозии навин асоснок карда шавад.

Истифодаи методи тарҳрезии сиёсӣ имкон дод, ки хусусияти равандҳои сиёсӣ дар замони соҳибистиқлолӣ ва нақши онҳо дар шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда шаванд.

Дар асоси истифодаи методи системанокӣ раванди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва ташаккули ниҳоди сарварии сиёсии муосир дар Тоҷикистон зина ба зина мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шавад.

Методи муқоисавӣ имкон дод, ки заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат асоснок карда шуда, таҷрибаи мавҷудаи байналмилалӣ дар ин самт мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирад.

Методи ояндабинӣ дар муайян намудани дурнамои рушди ниҳоди сарварӣ ва нақши он дар таҳкими истиқлоли давлатию ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити нави ҷаҳонӣ мусоидат намуд.

Ҳадаф ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда зарурати истифодаи муносибати байнифанниро муайян намуданд, ки бо кумаки он таҳқиқи нақши Пешвои миллат дар таҳкими истиқлоли давлатии тоҷикон дар маҷмӯъ бо истифодаи усулҳое имконпазир гардид, ки дар сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, хусусан ҳуқуқи конститутсионӣ ва давлатӣ, ба кор бурда мешаванд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқотро** метавон ба таври зайл ифода намуд:

- мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлоли давлатӣ таҳлилу муайян гардида, мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он асоснок карда шуданд;

- заминаҳои таърихию сиёсӣ ва консептуалии нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими давлатдорӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд;

- моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва асоснок карда шуданд;

- саҳми Иҷлосияи тақдирсозе, ки дар Қасри Арбоб доир гардид, дар ташаккули ниҳоди нави сарварӣ муайян карда шуда, мақом ва нақши Пешвои миллат дар бартараф намудани низои шаҳрвандӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон асоснок шуд;

- раванди ташаккул ва нақши ниҳоди президентӣ дар пойдор гардидани истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва ҳифзи дастовардҳои истиқлол муайян гардид;

- хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ҳамчун падидаи нави сиёсию ҳуқуқӣ омӯхта шуда, омилҳои тақвияти эътимоди ҷомеа ба он ҳамчун омили таҳкими истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ таҳлил ва асоснок карда шуданд.

## Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

1. Истиқлоли давлатӣ ҳамчун нишонаи асосии давлат ифодаи соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти он дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ мебошад. Маҳз соҳиб будан ба истиқлоли сиёсӣ имкон медиҳад, ки давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ муаррифӣ гардида, онро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақили муносибатҳои сиёсӣ эътироф намоянд. Дарки соҳибихтиёрии давлат аз сохибихтиёрии халқ сарчашма мегирад. Иродаи халқ ҳокимияти давлатиро ба вуҷуд меорад. Давлат ҳамчун намояндаи расмии халқ иродаи шаҳрвандони худро ифода мекунад, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро танҳо дар сурати соҳибихтиёр будан пурра таъмин менамояд. Соҳибихтиёрӣ дар ваҳдати миллӣ, мустақилият ва волоияти ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад. Истиқлолияти давлатӣ маънои пурра ва тақсимнашавандаи ҳокимияти давлат дар тамоми қаламрави он, мустақил будан дар пешбурди сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ мебошад.

2. Ҷомеа дар ҳама давру замон ба сарварии шахсе ниёз дорад, ки дар масири зиндагӣ шоҳроҳи дурусти ба мақсад расиданро нишон диҳад. Аз ин рӯ,

олимону мутафаккирон ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим ба нақш ва мақоми сарвари сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асарҳои худ хислатҳои накуи онҳоро тавсиф намудаанд. Сарварӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ дар рушди ҷомеаҳо, бахусус дар марҳилаҳои ҳалкунандаи онҳо, меҳвар ва ҷавҳар мебошанд. Ҳамин аст, ки сарвари сиёсиро дар фарҳанги аксар халқу миллатҳо ҳамчун арзиши сиёсӣ эътироф намуда, нақши онро дар таҳкиму рушди давлатдорӣ муҳимм медонанд. Назария ва консепсияҳои гуногуни илмии дар ин самт ташаккулёфта моҳияти илмии зуҳуроти мазкурро асоснок менамоянд.

3. Таҳлили таърихи навин нишон медиҳад, ки ба даст овардани истиқлолият ва соҳибихтиёрии миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле душвор, дар ҳолати низоъ ба вуқӯъ пайваст. Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ умури давлатдорӣ чунон гиреҳхӯрда буд, ки идораи он аз ҷониби нухбагони он давр имконнопазир арзёбӣ шуд. Дар он замони пурҳаводис ва бениҳоят ҳассос ҷустуҷӯ ва дарёфти ҳалли мушкилоти ҷумҳурӣ, ба ҳам овардани миллат дар доираи ақли одамӣ намеғунҷид. Халқ ин рӯзи саидро орзу мекард. Доираҳои сиёсии хориҷӣ ва шарикони дохилии онҳо нақшаи қисмат намудани Тоҷикистонро тарҳрезӣ намуда, бо ҳамин роҳ аз байн бурдани давлати тоҷиконро ба нақша гирифта буданд.

4. Дар ҷаҳони пурҳаводиси муосир, ки бархӯрди манфиати абарқудратҳо рӯз то рӯз шиддат гирифта истодааст, мақом ва моҳияти ниҳоди президентӣ барҷастаю баръало аст. Ба андешаи мо, дар сатҳи муосир эҳё ва барқарор намудани ниҳоди президентӣ яке аз дастовардҳои беназири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Агар ба сиёсат ва раванди давлатсозию давлатдории ин Абармард мутаваҷҷеҳ шавем, моҳияту мантиқи илмии ин гуфта собиттар мешавад. Зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он, қабули оҷилии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими низоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумлаи омилҳоеянд, ки ба ташкили қолаби нави идора бо роҳбарии Президент дар Тоҷикистон асос гузоштанд. Маҳз ҷорӣ кардани идоракунии президентӣ боис ба рушди устувор ва пешрафти бемайлони идораи давлатӣ (идораи иқтисод, сиёсат ва дигар соҳаҳо) ва раёсати ҷумҳурӣ гардид.

5. Бо таъсиси ниҳоди Пешвои миллат яке аз муҳимтарин масъалаҳои миллӣ ва таърихии давлатдории мо, яъне масъалаи лидери сиёсии миллат ва пешвои эътирофшудаи миллӣ ба марҳилаи ниҳоии худ расид Ҳадафи аслии қадршиносии ин фарзанди фарзонаи миллат муттаҳид намудани мардуми кишвар дар атрофи сиёсати созанда, нигоҳдошти роҳи таърихии рушди Тоҷикистон ба сӯйи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва тавсеаи таҷрибаи мусбати ватандорист. Дар ин ҷода одитарин ва олитарин хислати инсонӣ - қадршиносӣ аз заҳмати фарзанди содиқу вафодори миллат меҳвар аст. Миллате, ки таърих ва бузургони гузаштаи худро қадр мекунад, саодатманд аст, вале бузургтару саодатмандтар, ба қавли хирадмандон,

миллатест, ки ба қадри бузургон ва қаҳрамонони зиндаи худ мерасад.Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аз ин кор демократияи ин давлатҳо ва ё дигар озодиҳояшон ҳеҷ зарар надида, баръакс онҳо ба ин васила, ибтидои давлатдории худро аз назари ҳуқуқӣ эълон карда, роҳи рушди босуботи давлатро ба сӯйи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ҳифз намудаанд. Аз ин нуктаи назар, он ақида, ки дар давраҳои мушкили таърих шахсиятҳое ба арсаи сиёсат омада, сарнавишти миллатҳо ва давлатҳоро куллан тағйир медиҳанд, ягон тобиши асотириву метафизикӣ надошта, асоси устувори илмӣ доранд ва бояд таъкид кард, ки чунин равиши андеша ба падидаҳое чун авторитаризму шахсиятпарастӣ ҳеҷ муносибат надоранд. Бегуфтугӯ, ҳар нафаре, ки барои давлату миллат хизмат кардааст, масъулияти давлату миллатро дар қадршиносии худ пайдо менамояд. Ин қадршиносӣ аз эътирофи ғалабаи некӣ ба бадӣ дар кори ватандории мост, аз оғози сулҳ ва ваҳдати миллии мардуми кишвар, аз таҳкими низоми идорӣ, ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва аз оғози роҳи таърихии давлат ба сӯйи давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эътирофи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

6. Дар раванди таҳқиқ андеша, дар мавриди он ки Пешвои миллӣ ба таври сунъӣ сохта намешавад, балки он маҳсули як марҳилаи таърих, натиҷаи ҷонбозӣ ва аз худ гузаштанҳои шахсият дар роҳи давлату миллат, инъикоси воқеияти ҷомеа ва натиҷаи эътирофи воқеии мардум аст, шакл гирифт. Таърихи давлатдориҳои ҷаҳони муосир кам намунаҳое медонад, ки шахсиятҳои миллӣ ба хотири наҷоти кишвар ҷони хешро ба гарав ниҳода бошанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дастовард ва натиҷаҳои диссертатсия дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаи баррасишаванда, аз ҷумла муайян намудани нақши шахсият дар ташаккул ва рушди давлати миллӣ метавонанд истифода шаванд. Тавсияҳои пешниҳодшуда баҳри самаранок ташкил намудани чорабиниҳои идеологӣ ва тарбияи сарварони ҷавон муфид буда, ҷиҳати тақвияти маърифат ва фарҳанги сиёсии ҷомеа, бахусус ҷавонон, аҳамияти илмию амалӣ дорад. Натиҷа ва пешниҳодҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомадаро ҳангоми таълифи дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои сиёсатшиносӣ, таърих, психология ва сотсиология метавон истифода намуд. Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи барномаи курсҳо, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаи таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ манзур шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба шиносномаи ихтисоси 23.00.02– Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Интихоби мавзуъ, таҳия ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Тамоми давраи татбиқи нақшаи корҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевосита ва пешниҳодҳои муаллиф сурат гирифтааст. Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор мераванд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (Суратҷаласаи №18 аз 22.09.2023) мавриди муҳокима қарор гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотии он пазируфта шуда, ҳамчун кори илмии анҷомдодашуда баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА. 001 тавсия гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, пешниҳод шудаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ ифодаи худро ёфтаанд. Вобаста ба мавзуъ муаллиф 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда, дар ду конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ маърӯза намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 184 саҳифаи матни чопӣ таълиф гардида, рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ки 6 зербобро дар бар мегирад, аз хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳову адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ асоснок карда шуда, ҳадафи таҳқиқот, объект ва мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии барои дифоъ пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва ғайраҳо асоснок карда шудаанд.

Боби якум **- «Ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва консептуалии масъалаи истиқлоли давлатӣ ва нақши Пешвои миллат дар он»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум - **«Ҷанбаҳои илмию назариявии таҳқиқи масъалаи истиқлоли давлатӣ: мазмун, моҳият ва хусусиятҳои он»** зикр шудааст, ки истиқлоли давлатӣ яке аз унсурҳои асосии давлат ба ҳисоб рафта, дар ин замина озодиву мустақилияти субъект аз дахолату таъсири дохиливу хориҷӣ эмин нигоҳ дошта мешавад. Дар идома самараи пажӯҳиши

олимон, аз ҷумла Ж. Боден, ки масъалаи мазкурро баррасӣ кардаанд, madди назар қарор гирифт.

Лозим ба ёдоварист, ки дар марҳилаи аввали рӯйи кор омадани мафҳуми соҳибистиқлолӣ он авлавияти дорои моҳияти сиёсии ҳокимияти давлатӣ тавсиф шуда буд. Дар он марҳила олимон муътақид буданд, ки доираи ин бартариятро танҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба фитрат ва дин метавонанд то андозае танг созанд.

Онҳо соҳибихтиёриро василае, ки ба шарофати он ҳуқуқҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳифз мешавад, арзёбӣ карда, ихтиёран даст кашидан аз соҳибихтиёриро ба манфиати соҳибихтиёр ва ҳокимияти давлатӣ низ мадди назар доштанд.

Минбаъд ин мазмуну моҳияти вожа такмил ёфта, он тавъам будани ҳокимияти давлатиро бо ҳокимияти мардумсолор, ки аз демократияи мустақим (бевосита) маншаъ гирифтааст, мадди назар дошт. Дар ин замина, бо истинод ба муқаррароти қонунҳо ҳукмронии ба монархия рабтдошта ҳамчун асоси ҳокимияти давлатӣ ва соҳибихтиёрӣ зери суол рафт. Вақте дар бораи соҳибихтиёрии давлат сухан меравад, маъмулан ба модели сиёсию ҳуқуқии Ш.Л. Монтескйе ишора мешавад. Он аз 3 шоха - ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ таркиб ёфта, ҳар кадом ба сифати занҷира, дар заминаи риояи муқаррароти мавҷуда ва назокатҳои ба он айём хос мавриди амал буданд.

Дар ин раванд бо ақида, дар мавриди он ки соҳибихтиёрии давлат дар шакли назарияи зӯроварии қонунӣ низ қобили қабул будааст, мувоҷеҳ шудем. Муддаиёни ин назария мутмаинанд, ки давлат муваззаф аст, ки дар сурати зери суол рафтани ҳуқуқи инсон дар қаламраваш зӯроварии қонуниро нисбат ба ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ истифода намояд.

Зимни пажӯҳиш ба назарияи дуализм низ таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Тибқи ин назария, кулли мақомот бояд фаъолияти худро тибқи муқаррароти он қонуне роҳандозӣ намоянд, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти минтақавӣ ва федералӣ мухолифат надошта бошад. Бо назардошти мавҷудияти умумияти соҳибихтиёрӣ, нақши он дар давлати федеративӣ, равобити федератсия ва субъект мафҳуми соҳибихтиёриро дар сатҳҳои гуногун таҳлил гардид. Натиҷаи таҳқиқи масъала хулоса, дар мавриди он ки ду намуди соҳибихтиёрӣ ба ҳеҷ ваҷҳ хоси як давлат нест, ба далели муътамад табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, бо истинод ба таҳқиқоти М. Вебер, К. Варе, А. С. Яшенко, П. В. Волоков, В. Д. Зоркин, И. Д. Левин, Н.И.Грачёв, М. Ориу, М. Н. Марченко, К. Шмитт, С. В. Черниченко, В. Менделсон, С. Соренсен, Р. Н. Хаас, С. Краснер, К. Валтс, С. Эскуде, В. Иванов, Л. Рей, Д. Агамбен ва дигарон ба масъала равшанӣ андохта шуд.

Дар ин замина хулоса шуд, ки ин раванд барои аксари давлатҳо фарҳангест, ки дар тӯли садсолаҳо, дар умқи таърих реша дошта, меҳвараш эмин нигоҳ доштани тамаддун, хислатҳои ҳамида ва расму оин буд. Баъдтар он омили ба вуҷуд омадани давлат шуда, моҳияти ҳатмӣ касб карда, заминаи асосӣ

барои рӯйи кор омадани низомҳои муосири давлатӣ ва байналмилалии ҳифзи соҳибихтиёрӣ гардид.

Махсусияту назокатҳои марбут ба назария ва амалияи истиқлоли давлатиро дар асарҳо, паёмҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарёфт намудан мумкин аст, ки онҳо хосияти консептуалӣ дошта, мазмуну моҳияти ин зуҳуроти муҳимми сиёсиро мекушоянд.

Вобаста ба масъалаи мавриди назар фарзияи илмӣ, дар бобати он ки истиқлоли давлатӣ густаришдиҳанда ва тақвиятбахши сиёсати дохиливу хориҷӣ маҳсуб шуда, ба шарофати он дахолати давлатҳои дигар имконнопазир мегардад, мадди назар қарор дошт. Ҷоиз ба зикр аст, ки дар ин зимн масоҳати давлат, теъдоди аҳолӣ, усули давлатдорӣ муҳимм нест. Зеро моҳиятан истиқлоли давлатӣ ифодакунандаи озодии иродаи миллӣ, таҷовузнопазир будани шаъну шараф, ғурурмандиву иқтидор аст. Муайян гардид, ки дар усули демократии давлатдорӣ соҳибихтиёрӣ бо мардумсолорӣ комилан тавъам аст.

Далели раднопазир аст, ки истиқлоли давлатӣ дар умури давлатдорӣ бениҳоят муҳимм буда, барои муаррифии шоистаи миллатҳо дар ақсои олам саҳми бориз дорад. Бояд мадди назар дошт, ки истиқлоли давлатӣ дар баробари омилҳои зикршуда, ҳамзамон раванди муттасил, ташаккулёбанда ва тағйирпазир эътироф шудааст.

Самараи пажӯҳиши муҳаққиқон Г.Н.Зокиров, А.Н.Муҳаммад, М.У.Хидирзода, М. Акмалова, А. Имомов, Ҷ.З.Маҷидзода, Б.М.Холназаров, З.М.Исмоилзода, Д. Қ. Раҳимов, ва М.С. Ҳакимов низ мавриди омӯзишу таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Дар раванди таҳлили масъала асоснок карда шуд, ки соҳибистиқлолӣ ҳамчун зуҳуроти сиёсию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ифодаи мустақилияти давлат дар муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ буда, нишонаи муҳимми давлат маҳсуб меёбад. Бидуни он давлат ҳамчун ташкилоти сиёсӣ ва субъекти мустақили муносибатҳои сиёсӣ эътироф намешавад.

Ҳамчунин, муайян гардид, ки назарияи истиқлолият мухторияти ҳокимияти сиёсиро дар дохил ифода намуда, имкон медиҳад, ки давлат дар ташаккули шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани сохти давлатдорӣ, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва таърихию фарҳангӣ, тамоюли идеологӣ мустақилона муносибат намояд.

Дар зербоби дуюм - **«Ҷанбаҳои сиёсӣ ва консептуалии омӯзиши нақши Пешвои миллат дар рушди ҷомеа ва давлат»** муҳимм будани нақши сарвари сиёсӣ дар ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пойдории давлатҳо махсус таъкид шудааст. Дар заминаи таҳлили афкори сиёсӣ муайян гардид, ки мутафаккирони давру замонҳои гуногун вобаста ба ин масъала ақидаҳои арзишманди худро баён намудаанд.

Дар доираи зербоби мазкур ақидаҳои Конфутсий, Афлотун, Арасту, Ситсерон, Н.Макиавелли, Г.Гегел ва дигарон мавриди омӯзиш қарор

гирифтааст.

Тибқи таълимоти Конфутсий ҳаққу ҳуқуқи худро ба идоракунӣ ашрофон бояд тавассути ахлоқ, дониши воло, ғамхорӣ нисбат ба тобеон, таъминот ва тарбияи онҳо исбот кунанд. Роҳбари хирадманду оқил бояд хуб донад, ки одамон чиро нағз мебинанд (боигарӣ, обрӯ) ва чиро нағз намебинанд (камбағалӣ, бадбинӣ); ашрофи кордон бояд қобилияти дидан, шунидани ҳама чизро дошта бошад ва нуктаи назари худро бо назокат гуфта тавонад, аз амали хатарнок ва таваккалӣ худдорӣ намояд.

Дар мавриди сарварӣ Афлотун ақидаҳои пурарзиш баён намудааст. Дар асари машҳури худ «Давлат» ӯ сиёсатро «санъати шоҳон» маънидод кардааст, ки донишу маҳорати идоракунии одамонро тақозо дорад.

Арасту низ вобаста ба масъалаҳои давлату сарвари сиёсӣ ақидаҳои худро баён намудааст. Ӯ дар масъалаи давлат қайд намудааст, ки «инсон, табиатан, мавҷуди сиёсӣ мебошад. Касе, ки аз рӯйи хислат, на аз рӯйи ягон ҳодисаи фавқулода, «берун аз давлат» зиндагӣ мекунад, аз ҷиҳати рӯҳӣ солим нест».

Дар ин раванд андешаҳои ҷолиби Ситсерон, ки идоракуниро ҳамчун масъулияти бениҳоят вазнин ва амали мушкил маънидод намудааст, хеле ҷолиб мебошанд. Бо номбурда ҳамфикрем, ки ба кори давлатӣ ва сарварӣ бояд ҳамонҳое машғул шаванд, ки имкони дуруст идора кардани ҷомеаро доранд. Касоне, ки аз уҳдаи иҷрои ин рисолат баромада наметавонанд, набояд ба ин кор даст зананд.

Ба ақидаҳои мутафаккири машҳури итолиёвӣ Н.Макиавелли, хоса асари машҳури ӯ «Подшоҳ» (Государь) таваҷҷуҳ шудааст. Ба он назарем, ки ақидаҳои Н.Макиавелли дар бобати нигоҳ доштани робитаи зич байни сарвар ва ҷомеа дар шароити кунунӣ низ моҳияту мақом доранд.

Дар раванди таҳқиқ ақидаҳои консептуалии файласуфи бузурги немис В.Ф. Гегел низ пурарзиш арзёбӣ гардидаанд. Дар ин зимн аз асари машҳураш «Фалсафаи рӯҳ» ёдовар гардида, тафсири хислатҳои шахсиятҳои таърихӣ аз ӯ махсус таъкид шудааст.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда пажӯҳиши олимони машҳур Р.Дафт, Ҷ. Блондел, Г.В. Пушкарева, А.И. Соловев, О.В. Михайлова, Т.Карлейл, Н.А.Кисилёва мавриди таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Ҳар кадоми онҳо нуктаи назари хоси худро вобаста ба масъалаи мазкур баён намуда, зарфиятҳои сарварро ҳамчун шахси таърихӣ ва чеҳраи сиёсӣ мавриди таҳлил қарор додаанд.

Файласуфи маъруф Т.Карлейл нақши шахсиятҳоро дар таърих тавсиф намуда, мутмаин аст: «Шахсеро, ки сарвар мешаваду ба иродаи ӯ дигарон бечунучаро таслим мешаванд ва дар ин итоат некуаҳволӣ меёбанд, мо метавонем бузургтарини бузургтаринҳо номем»[1]. Номбурда ба он назар аст, ки

[1] Карлейль, Т. Герои, почитание героев и героическое в истории [Электронный ресурс] / Т. Карлейль; Пер. В. Яковенко. – 3-е изд. – Спб., 1908. – Режим доступа: http://ww.marsexx.ru/lit/ karlel-geroi.htm (дата обращения: 12.08.22).

омӯзиши таҷрибаи таърихӣ яке аз омилҳои муҳимми таъмини ғанигардонии сарварӣ бо таҷрибаҳо мебошад.

Сарвар ва нақши он дар ҷомеа дар афкори сиёсии асримиёнагии аҷдодони мо ҳам мавқеи хос дошт. Мутафаккирони мо назарияҳои гуногуни пайдоиши сарвариро пешниҳод намудаанд, ки қисме аз онҳо моҳияти динӣ, қисми дигар моҳияти ратсионалию легалӣ доштани онро тасдиқ мекунанд.

Барои тақвияти ақида муҳаққиқ ба осори мутафаккирони маъруфи Шарқ Ал-Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, маъруф ба Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ, М.Ғазолӣ, Ибни Халдун рӯ овардааст.

Вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда М.Ғазолӣ ҳам ақидаҳои пурарзиш баён намудааст. Аз ҷумла навиштааст, ки «мақоми сарвар аз интихоб ва хоҳиши мардум вобаста нест, зеро он аз оғози илоҳӣ сарчашма мегирад».[1]

Файласуфи бузург Ибни Халдун дар тавсифи давлат фармудааст: - «Ҷаҳон бӯстонест, ки девори он давлат аст ва давлат қудратест, ки бад - он дастур ё суннат зинда мешавад ва дастур сиёсатест, ки салтанат онро иҷро мекунад…».[2] Сиёсатро ҳамчун василаи амалигардонии ҳокимият ва идоракунии давлат маънидод намуда, нақши сарварро дар он муҳимм мешуморад. Ховаршиноси бузурги муосир Р. Франс дар қиёси андешаҳои сиёсии Ибни Халдун ва Макиавелли чунин гуфтааст: «Чун ин ду мардро баробар гузошта, андешаи онҳоро дар бораи давлат муқоиса кунем, пай мебарем, ки ҳар дуи онон давлатро аз нуфуз ва султаи дин ҷудо гирифта, бо назарияи муосир нигаристаанд».[3]

Ҳамин тариқ, таҳлили назарияҳо ва ақидаҳои гуногуни илмӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои таърихию сиёсии афкори мутафаккирону олимони Шарқу Ғарб дар масъалаи давлат ва нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими он нишон дод, ки масъалаи мазкур тӯли солҳои зиёд мавриди назари доираҳои олимон қарор дода шуд.

Боби дуюм **- «Заминаҳои таърихию сиёсии ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва роҳҳои таҳкими он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **– «Моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» т**аъкид гардидааст, ки маҳз истиқлолияти давлатӣ ба инсонҳои дар асоси махсусиятҳои этникӣ, миллӣ ва иҷтимоӣ муттаҳидшуда имкон фароҳам меорад, ки дар паҳнои ирода озодона дар қолаби ҳуқуқҳои эътирофшуда рушди маънавию моддии худро таъмин созанд. Дар ин замина дар асоси таҳлили маводи зиёди таърихӣ моҳияти вазъи сиёсӣ таҳлилу муайян

[1] Хотами, С.М. Традиция и мысль во власти авторитаризма [Текст] / С.М. Хотами. – М.: Московского ун-та, 2001. – С.210.
[2] Халдун, А. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / А. Халдун; мутарҷим аз арабӣ ба форсӣ М.П. Гунободӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2019. – Ҷ.1. – С.159.
[3] Розентал, Ф. Таърих, таърихнигорӣ дар ислом [Матн] / Ф.Розентал; Тарҷумаи О. Асадуллоҳ. – Машҳад: Остони қудси разавӣ, 1988. – С.97.

шудааст.

Аввали солҳои 90-уми асри гузашта ҷумҳуриҳои иттифоқӣ паи ҳам Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатиро қабул карданд. Дар Тоҷикистон низ Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, Қарори Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон», изҳороти Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон рӯз қабул гардиданд. Ҳарчанд давлати нави мустақили тоҷикон ҳамагӣ дар як пораи кӯҳистони сарзамини бузурги таърихии халқи тоҷик таъсис ёфтааст, вале дар он рӯзҳо нақшаҳои тақсими ин давлат дар миён буд. Чунин тарҳҳоро на танҳо неруҳои хориҷӣ, балки баъзе аз сиёсатмадорон ва қувваҳои сиёсии дохилӣ низ ҷонибдорӣ намуда буданд. Дар ибтидои истиқлолияти давлатии худ Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ мувоҷеҳ гашт. Он вақт қисми зиёди аҳолии мамлакатро яъсу навмедӣ фаро гирифта, тамоми мақомоти давлатӣ фалаҷ гардида буданд.

Далелҳои раднопазир зиёданд, ки яке аз сабабҳои бадбахтии солҳои навадуми асри гузашта набудани пешво буд. Бо дарки масъулият мегӯям, ки агар дар он давра роҳбаре чун шахси мавриди назари мо мебуд, шояд ҷанг намешуд. Хуб дар хотир дорем, ки пеш аз ин Абармарди дунёи сиёсат ҳам дар мамлакат роҳбарон буданд, лекин натавонистанд ҷомеаро идора кунанд.

Муҳаққиқ вазъи ҳамонвақтаро таҳлил намуда, нигоштааст, ки солҳои 1992-1993 сокинони зиёди кишвар хонаю кошонаи худро тарк намуда ё дар дохили мамлакат ҷои зисташонро тағйир доданд ва ё ҷумҳуриро тарк карданд. Якуми июли соли 1992 шумораи фирориён 83000 кас буд. Минбаъд ин раванд тамоюли афзоишро касб намуда, 24 июл ба 133000 нафар расида, дар ибтидои соли 1993 ба таври расмӣ 1 млн. нафар гуреза ба қайд гирифта шуда буд.

Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ба маънои том тақдирсозе, ки моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоб доир шуд, вакилон якдилона муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олӣ – Роҳбари давлат интихоб намуданд. Шояд ҳоло барои баъзе нафарони аз ҳама кас ва ҳама чиз норозӣ боварнокарданист, вале дар он замон кам нафаре пайдо мешуд, ки зимоми идораи давлатро ба дӯш гирифта, истиқлолияти аздастрафтаистодаро ҳифз намояд. Ин иҷлосия рисолати давлатсозиву давлатдорӣ ва раҳоӣ бахшидани мамлакат аз ин мушкилоти ҷиддиро ба дӯши Роҳбари ҷавон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошт, ки аз байни мардуми заҳматкаш баромадаанд. Таърих, замона ва ҳаводиси рӯзгор намунаи олии чунин шахсиятро, ки дар вазнинтарин лаҳзаҳои таърихӣ имтиҳони ҳастии миллатро, бо бардошти бори амонати давлатдории тоҷикон ба дӯш гирифт, ба мо муаррифӣ кард. Мавсуф вазифа ва рисолати таърихии хешро назди таърих ва миллаташ иҷро кард.

Мо бо далелҳои раднопазир собит кардем, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар замоне масъулияти роҳбариро ба дӯш гирифтанд, ки рӯҳафтодагии иҷтимоӣ тамоми ҷомеаро фаро гирифта буд.

Нақши сарвари сиёсиро дар таҳкими равандҳои сиёсӣ ва бартарафсозии мушкилоту монеаҳо таҳқиқ намуда, ба ақидаи М.У.Хидирзода розӣ шудан мумкин аст, ки мувофиқи он: «… рӯҳияи баланди сарвари сиёсӣ қодир аст ба рӯҳияи ҷомеа таъсири қавӣ расонида, онро барои ба даст овардани мақсадҳои гузошта роҳнамо бошад. Рӯҳияи лидерӣ ҳамон рӯҳияест, ки дар мушкилтарин лаҳзаҳо шикаста намешавад, баръакс, метавонад дар умқи ҷомеа боварию эътимодро баҳри пирӯзиҳо ҷой намояд. Ҷомеаи Тоҷикистон ҳанӯз фаромӯш накардааст, ки дар кадом вазъият Президенти мамлакат роҳбарии давлатро ба ӯҳда гирифт»[1].

Маҳз дар ҳамин иҷлосия қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон», фармонҳои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф», «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсоне, ки сарҳади давлатиро ғайриқонунӣ убур намуда ва мехоҳанд ба Ватан баргарданд» нишонаи моҳияти инсондӯстона доштани сиёсати Сарвари давлат мебошад. Қобилияти бахшида тавонистан яке аз фазилатҳои дигари Пешвои миллат мебошад. Хеле кам воқеъ мешавад, ки Роҳбари давлат ҳатто гуноҳи онҳоеро, ки душмани сохти конститутсионӣ буданд, бахшад. Ҳамватанонамон шоҳиданд, ки барои авфи гуноҳи шахсоне, ки ҷиноят содир карда, зиндонӣ шуданд, 18 қонуни авфро ба имзо расониданд.

Дар ин миён ҷойгоҳи созишномае, ки ба шарофати он истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ имконпазир гардид, хоса аст. Бо гузашти солҳо, махсусан бо назардошти ҳаводиси ҷаҳони муосир, моҳияти ин рӯйдоди таърихӣ барои мардуми тоҷик тамоюли афзоишро касб намуда, ҷойгоҳи онро бамаротиб боло бурд.

Бо вуҷуди пуршебу фароз будани ҷодаи давлатдорӣ ва тамоюли духӯра касб кардани ҳуқуқу озодиҳо дар ҷаҳони муосир истиқлоли давлатӣ ягона воситаи эътироф ва эҳтироми ҳаққи худмуайянкунии миллатҳост. Аз ин лиҳоз, барои тоҷику тоҷикистониён истиқлолияти давлатӣ аз арзишу моҳияти хоса бархӯрдор аст.

Нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими истиқлоли давлатӣ таъкид намуда, аз сиёсатшинос Асадулло Раҳмон иқтибос намудем: «Давлатро аз нестӣ, миллатро аз парокандагӣ эмин дошта, ваҳдати сартосариро таъмин сохт»[2].

«Пешвои миллат на танҳо давлати тоҷиконро асос гузошт, балки рӯҳи миллиро аз лиҳози назариявӣ ва сиёсиву амалӣ ҳамчун ҷаҳонбинии миллӣ эҳё кард, қувват бахшид. Аз ин имконоти таърихӣ синфи соҳибтафаккури мубориз

[1] Хидирзода, М.У. Таҳкими истиқлолият ва хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон [Матн] / М.У. Хидирзода // Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. – Душанбе, 2021. – Ҷ.1. – С.91.

[2] Раҳмон, А. Аз Қасри Арбоб то майдони Истиқлол [Матн] / А. Раҳмон // Ҷумҳурият. – 2022. – 5 октябр.

бояд истифодаи аъзам намояд. Донад ва хулоса кунад, киояндаи миллат ва давлати миллӣ маҳз ва танҳо аз тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ вобастагӣ дорад, аммо дар ҳар сурат масъули асосии ташкил ва роҳандозии тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ давлати миллӣ ва тамоми зинаҳои сохторҳои давлатӣ мебошанд»[1], - қайд кардааст сиёсатшинос С. Ятимов вобаста ба нақши Пешвои миллат дар таҳкими истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон, ки мо комилан ин ақидаро ҷонибдорем.

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили маводи ғании илмӣ ва сарчашмаҳо вобаста ба масъалаи моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши сарвари сиёсӣ дар он ба хулоса омадан мумкин аст, ки сарвари сиёсӣ тавонист шиддати сиёсию иҷтимоиро дар ҷомеа паст намуда, тавассути истифодаи механизмҳои қаблан таҷрибанашуда модели нави сулҳофариро асос гузорад, ки асоси онро созиш ва гузашту бахшиш ташкил медиҳад.

Сарвари сиёсӣ тавассути қабули қарорҳои дурандешона тавонист мушкилтарин масъалаҳои ҷомеаро ҳал намуда, низои таҳмилии шаҳрвандиро бартараф ва ҷомеаро аз вартаи хатар наҷот диҳад.

Зербоби дуюм - **«Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши Пешвои миллат дар бартараф намудани низои шаҳрвандӣ ва таҳкими минбаъдаи истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон»** ном дорад. Дар он бо овардани далелҳои зиёд таъкид намудем, ки тундравию худхоҳӣ, мансабталошӣ, ҷангу хунрезӣ, бо зӯри силоҳ ғасб кардани ҳокимият ва сарфи назар намудани қонуну тартибот метавонад пайомадҳои ногувор ба бор оварад. Дар раванди таҳқиқ собит гардид, ки дар пешгирии минбаъдаи даргириҳо ва барқарор намудани ҳокимияти қонунӣ нақши Иҷлосияи тақдирсози дар Қасри Арбоб доиргардида беғоят калон аст.

Иҷлосияи мавриди назар барои тамоми тоҷикистониён тақдирсоз буда, аҳамияти таърихӣ дорад, чунки дар он ҷанги шаҳрвандӣ боздошта, ҳукумати қонунӣ барқарор карда шуд, ба пойдевори сулҳу салоҳ асос гузошта, барқароркунӣ ва инкишофи хоҷагии халқ оғоз ёфт. Дастоварди асосии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ин ба саҳнаи сиёсат омадани фарзанди фарзонаи миллат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.

Дар робита ба тадбирандешиҳо баҳри таҳкими истиқлолияти давлатӣ ду усули маъмулу эътирофшуда - ҳарбӣ ва маънавӣ мадди назар аст. Усули ҳарбии ҳифзу таҳкими истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташкили қӯшун, мақомоти амниятӣ, ҳифзи ҳуқуқ, дигар аркони давлатдорӣ ва муттасил ташаккул додани фаъолияти онҳо рабт дорад.

Усули дуюми таҳкими истиқлолияти давлатӣ - маънавӣ, ки дар

[1] Ятимов, С. Масъалаи ташаккули инсон дар таълимоти Пешвои миллат [Манбаи электронӣ] / С. Ятимов. – Низоми дастрас: https://sadoimardum.tj (санаи муроҷиат 05.10.2022).

давлатсозиву давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон авлавият аст, аз бедор кардани эҳсоси ватандорӣ дар вуҷуди ҳар тоҷику тоҷикистонӣ маншаъ мегирад. Ҷавҳари ин иқдомро беш аз пеш ошно намудани мардум бо фарҳанг, таърих, забон, дин ва мазҳаб ва анъанаҳои миллӣ ташкил медиҳад.

Дар раванди пажӯҳиш собит карда шуд, ки шахсияту ҷаҳонбинии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба як мафкура ё усули сиёсӣ маҳдуд нест. Аз ин лиҳоз, корномаи ӯро бо як вожа, аз қабили либерал, демократ,ислоҳотгаро, консерватор, иҷтимоъгаро, анъанапараст бозгӯӣ кардан ғайриимкон аст.

Нақши шахсиятҳои барҷаставу таъсиргузор дар таърихи қавму миллатҳои гуногун хеле равшан ба назар мерасад. Онҳое, ки воқеан давлат сохтанд, месазад мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гиранд. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамин гуна шахсият мебошанд. Ҳамчун чеҳраи сиёсӣ ва шахсияти таърихӣ неруи бозу ва хиради хешро барои ҳифзи марзу бум ва зиндагии осудаи ҳамзамонони хеш сарф намуда,  баҳри таҳкими давлати тоҷикон дар замони муосир, боло бурдани нуфузи байналмилалии он ва муаррифии бештари миллату дастовардҳои таърихии он саҳми босазои худро гузошта истодааст. Ба ибораи дигар, қудрат бе хираду дониш буда наметавонад.

Боби сеюм - **«Ниҳоди президентӣ ва Пешвои миллат: хусусияти ташаккул ва нақши онҳо дар таҳкими истиқлоли давлатӣ»** ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якум **– «Мақом ва нақши ниҳоди  президентӣ дар таҳкими истиқлоли давлатии Тоҷикистон»** қайд гардидааст, ки интихоби шакли мувофиқу самараноки идоракунӣ дар марҳилаи нахустини соҳибистиқлолӣ масъалаи мушкили сиёсӣ маҳсуб меёфт. Нахуст ташаккули идоракунии президентӣ, сипас гузаштан ба шакли идоракунии парламентӣ дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олӣ тасдиқи гуфтаҳои боло мебошад.

Хулоса ин аст, ки дар он айёми бениҳоят ҳассосу пурҳаводис ва сарнавиштсоз ҳокимияти президентӣ натавонист рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд ба ҷо орад. Бинобар ин, санаи 27 –уми ноябри соли 1992 вакилон ба хулоса омаданд, ки фаъолияти институти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ гардида, шакли идораи парламентӣ фаъол гардад. Дар заминаи ворид намудани тағйироту иловаҳои дахлдор меъёрҳои конститутсионии ба ҳокимияти Президент рабтдошта боздошта шуданд. Дар ин замина, ваколатҳои ба Президент дахлдошта ба Шӯрои Олӣ, Раёсати Шурои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Тоҷикистон вогузор гардиданд. Илова бар ин, амали қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии зикршуда дар бораи вазъи ҳуқуқии Президент низ бекор гардиданд. Ба шарофати ибтикори зикршуда фаъолияти институти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта шуда, шакли идории парламентӣ фаъол шуд. Моҳияти ин иқдом дар он зоҳир мегардад, ки дар он айёми бениҳоят ҳассосу пурҳаводис ва сарнавиштсоз ҳокимияти президентӣ натавонист рисолати хешро дар сатҳи хубу сифати баланд ба ҷо орад.

Набудани механизми муратаби ҳифзи сохти конститутсионӣ, таҷрибаи

муборизаи мадании сиёсӣ, мавҷудияти қувваҳои иҷтимоие, ки ба таври ошкоро муборизаи мусаллаҳонаро чун воситаи ба даст овардани ҳадафҳои худ эълон доштанд, ба он оварда расонд, ки ниҳоди президентӣ ба шаклҳои гуногуни таҳдид, фишори ғайрирасмии сиёсӣ дучор шуд. Таҳлили холисонаи ин зуҳурот ба хулоса меорад, ки танҳо дар соли 1992 ба Конститутсияи Тоҷикистон аз ҷониби Шурои Олӣ даҳ маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ду Президент ва панҷ Ҳукумат иваз гардиданд. Ин ҳолат дар маҷмӯъ, вазъи ҷамъиятӣ-сиёсии ҷумҳуриро хеле ноустувор гардонида, ҳаёт, амният ва некуаҳволии шаҳрвандон, худи мавҷудияти давлатдории тоҷиконро зери хавф гузошт. Дар натиҷа, тибқи қонун аз 27 ноябри соли 1992 мансаби президент, мувофиқан шакли раёсати хоси он барҳам дода шуд ва баъд аз таваққуфи дусола бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони тозаистиқлол соли 1994 он дар мазмуни сифатан нав дубора эҳё шуд. Ҳамин тавр, ниҳоди президентӣ зуҳуроти ҷадиди сиёсиву ҳуқуқӣ мебошад.

Вобаста ба ин қайд намудан зарур аст, ки ниҳоди Президент дар Тоҷикистон рисолат, ваколат ва салоҳияти худро маҳз тавассути фаъолияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иҷро ва татбиқ намуд. Маҳз фаъолияти самараноки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист собит созад, ки ниҳоди президентӣ аз диди моҳият ва аҳамияти худ метавонад воқеан ҳам барои ҷомеа самаранок ва муҳимм бошад. Дар робита ба ин месазад якчанд ҷанбаро қайд намоем, ки мақоми Президентро дар низоми муосири давлатдории мо асоснок мекунад: якум, падидаи «Президент» падидае мебошад, дар он намояндагии умумихалқӣ таҷассум меёбад; дуюм, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансаби олии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки ӯро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол бо тартиби муқарраршуда интихоб менамоянд; сеюм, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан рамзи давлат, сарвари давлат ва сарвари мақомоти ҳокимияти иҷроия – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои салоҳияти намояндагии Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи мамлакат мебошад; чорум, Президент баёнгари ягонагии давлат буда, ҷумҳуриро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад, ҳуқуқи аз номи тамоми халқи Тоҷикистон сухан гуфтанро дорад; панҷум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доранда ва барандаи тавозуни ҳокимияти давлатӣ мебошад; шашум, Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ягона нозири волои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ мебошад; ҳафтум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаками умумихалқии бонуфуз дар низоми ҳокимияти давлатӣ мебошад; ҳаштум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо мебошад; нуҳум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, сулҳу субот ва пойдориву бардавомӣ мебошад; даҳум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили риояи қарордодҳои байналмилалӣ мебошад, ки ӯ самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян месозад;

ёздаҳум, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти ҳимояи қонун ва таъминоти махсус қарор дорад.

Ба андешаи мо, дар сатҳи муосир эҳё ва барқарор намудани ниҳоди президентӣ яке аз дастовардҳои беназири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар зербоби дуюм - **«Хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва тақвияти эътимоди ҷомеа ба он ҳамчун омили таҳкимбахши истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ»** зикр гардидааст, ки ниҳоди Пешвои миллат дар таъриху таҷрибаи аксар кишварҳои дунё бо шаклу муҳтавои гуногун дучор меояд. Он дар ҷомеаҳои муосири демократӣ, дар кишварҳои пешрафтаи олам низ арзи вуҷуд дорад. Аз назари сиёсату маърифат зуҳури як лидери умумимиллӣ ва Пешвои эътирофшудаи давлатӣ тақозои раванди давлатсозӣ дар марҳилаҳои душвори ин ё он давлат буда, на фақат дар гузашта, балки дар ҷаҳони муосир низ бунёд ва рушди кишварҳои пешрафтаи демократии ҷаҳон бо номи шахсиятҳои фавқулода бузурги ҳамон давлатҳо решапайванд аст.

Эътироф ва муттаҳидии халқ дар атрофи пешвоён ва бунёдгузорони давлатҳо тайи зиёда аз дусад соли охир барои як идда давлатҳо аҳамияти бениҳоят бузург касб кардааст. Мавҷудияти чунин симоҳои таърихӣ идеяи худшиносиро ривоҷ дода, ваҳдатро тақвият бахшида, собитқадамӣ дар ҷодаи рушдро таъмин менамояд. Маҳз ба ҳамин хотир дар сарчашмаҳои ҳуқуқии замонашон дахлнопазирии чунин ашхоси таърихӣ ҳамчун рамзи муттаҳидии давлат махсус зикр мешуд. Қисмати дигари онҳо пас аз зиндагиашон ҳамчун рамз ва муқаддасоти миллӣ тарғиб, эътироф ва арҷгузорӣ мегаштанд.

Хусусияти сарвари сиёсиро ба назар гирифта, сиёсатшинос С. Ятимов ба он назар аст, ки: «Тақозои ҷомеа аст, ки дар майдон Роҳбари оқил, хирадманд, соҳибтаҷриба, ҷавонмард, ғаюр рӯйи саҳнаи сиёсӣ бошад. Қобилияти сарҷамъ кардан ва ба як мақсади барои худи миллат ниҳоят муфид сафарбар кардани оммаро дошта бошад. Ин кори одами одӣ нест. Зеро дар ин ҷараён, тавре хотирнишон гардид, манфиат, фикру андешаи даҳҳо қувваҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ рӯйи саҳна мебароянд. Хирадмандона ба ҳам овардан ва ба манфиати миллат раҳнамун сохтани тамоми қувваҳои ҷомеаро фақат Шахсияти фавқулода метавонад»[1].

Ба ақидаи мо, ҳаводиси солҳои 90-уми асри гузашта нишон медиҳад, ки дар он солҳо ҷомеаи мо илова бар мушкилоти дигар, ба бӯҳрони амиқи набудани лидери умумимиллӣ низ мувоҷеҳ буд. Ҳар як гурӯҳи аҳолӣ аз пайи лидерони ҳизбӣ, гурӯҳӣ, динӣ ва маҳаллии худ рафта, дар айни замон, ин «пешвоён» ҳамдигарро эътироф намекарданд. Чунин тафриқаандозӣ боис гардид, ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ аланга занад. Дар раванди таҳқиқ мо ба хулосае омадем, ки агар дар он марҳилаи бениҳоят ҳассосу сарнавиштсоз шахсияти дар сатҳи умумимиллӣ эътирофшудае вуҷуд медошт, ки бо тамоми ҷасорат ва иродаи қавӣ зимоми идораи мамлакатро ба дӯш мегирифт ва

[1] Ятимов, С. Субъекти сиёсӣ ва амният [Матн] / С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. – 2018. – №1 (9). – С.22-23.

ҳамчун кафили ҳифзи давлатдорӣ, суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ тамоми неруҳои сиёсиро дар атрофи худ ҷамъ меовард, шояд пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ гирифта мешуд.

Ҳарчанд мақоми Пешвои миллат барои кишвари мо нав аст, аммо моҳиятан барои миллати тоҷик бештар қобили қабул буда, қаробаташ зиёдтар аст. Президент дар ҷаҳони муосир падидаи бениҳоят маъмул буда, зуҳури Пешвои миллат бошад, тақозои раванди давлатсозӣ дар марҳилаҳои душвори ин ё он давлат маҳсуб ёфта, ба номи шахсиятҳои бениҳоят муътабар рабт дорад. Муҳимм он аст, ки мақоми Пешвои миллат бо махсусият ва мероси ниёкони мо низ созгор буда, умумияти таърихиаш зиёд мебошад.

Таҷрибаи таърихи сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки доштани Пешвои миллӣ, эътирофи бунёдгузори давлат барои рушди худшиносӣ ва роҳи ҳамвори тараққиёти давлатдорӣ вобаста ба шароити дохилию байналмилалӣ шарт ва зарур аст. Барои миллати азиятдида, ранҷхӯрда ва борҳо аз давлатдорӣ маҳрумгардидаи тоҷик дар шароити ҷаҳони нооромии имрӯза доштани пешвои сиёсӣ, эътирофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ҳамчун рамзи муттаҳидии халқ атрофи ғоя ва андешаҳои ӯ аҳамияти бештари таърихӣ, замонавӣ ваояндабиниро касб намуд. Ниҳоди Пешвои миллат танзимкунандаи на танҳо рӯзгори имрӯз, балки васлгари ҳуқуқии дастовардҳои неки дирӯз, имрӯз ва фардои кишвар аст. Ниҳоди мазкур ифодагари рамзии марҳилаи таърихии зиндагии талх ва тақдирсози миллат аст, ки бо созандагию бунёдкориҳои Роҳбари қаҳрамонаш тавъам мебошад.

Ҳадафи аслии таъсиси ин ниҳод муттаҳид намудани мардуми кишвар дар атрофи сиёсати созанда, нигоҳдошти роҳи таърихии рушди Тоҷикистон ба сӯйи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ ва тавсеаи таҷрибаи мусбати ватандорист. Дар ин ҷода одитарин ва олитарин хислати инсонӣ - қадршиносӣ аз заҳмати фарзанди содиқу вафодори миллат меҳвар аст. Миллате, ки таърих ва бузургони гузаштаи худро қадр мекунад, саодатманд аст, вале бузургтару саодатмандтар, ба қавли хирадмандон, миллатест, ки ба қадри бузургон ва қаҳрамонони зиндаи худ мерасад.

Дар таърихи давлатдории навини демократӣ ва классикӣ аломати мавҷудияти падарон – бунёдгузорон ва пешвоёни миллӣ ба сони мактаби бузурги тарбияи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба назар мерасад. «Чунончи, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико онҳоро ба ҳайси «Падарон - асосгузорони давлати Амрико» (Ҷорҷ Вашингтон, Ҷон Адамс, Томас Ҷефферсон, Ҷеймс Медисон, Александр Гамилтон), Туркия - «Падари миллати турк» (Ататурк), Ҳиндустон - «Падари миллати ҳинду» (Маҳатма Гандӣ) ва «Бунёдгузори давлати ҳинд» (Ҷавоҳирлаъл Неру), Ҷумҳурии Исломии Покистон - «Падар - асосгузори давлати Покистон» (Алӣ Муҳаммад Ҷиноҳ) ва дар Сингапур - «Асосгузори давлати Сингапур» (Ли Куан Ю) эътирофу арҷгузорӣ кардаанд»[1].

[1] Зуҳуров, Ш.З. Бузургтару саодатмандтар миллатест, ки ба қадри бузургон ва қаҳрамонони зиндаи худ мерасад [Манбаи электронӣ] / Ш.Ғ. Зуҳуров. – Низоми дастрас: https://

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки аз ин кор демократияи ин давлатҳо ва ё дигар озодиҳояшон ҳеҷ зарар надида, баръакс онҳо ба ин васила, ибтидои давлатдории худро аз назари ҳуқуқӣ эълон карда, роҳи рушди босуботи давлатро ба сӯйи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ҳифз намудаанд.

Хосияти дигари муҳимми ин иқдом дар он зоҳир мегардад, ки бунёди мустаҳками маънавӣ дошта, ба ҷуз муносиботи муҳимми иҷтимоӣ, инчунин рӯҳияву маънавият ва унсурҳои муҳимми равониву эстетикӣ ва ахлоқии мардумро madди назар аст.

Аз ин нуктаи назар, он ақида, ки дар даврахҳои мушкили таърих шахсиятҳое ба арсаи сиёсат омада, сарнавишти миллатҳо ва давлатҳоро куллан тағйир медиҳанд, ягон тобиши асотириву метафизикӣ надошта, асоси устувори илмӣ дорад ва бояд таъкид кард, ки чунин равиши андеша ба падидаҳое чун авторитаризму шахсиятпарастӣ ҳеҷ муносибат надоранд.

«Замоне ки вакилони мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мақоми Роҳбари Тоҷикистон пазируфтанд, ӯ ҳамагӣ 40 сол дошт ва дар миёни роҳбарони кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷавонтарин чеҳраи сиёсии сатҳи аввал ба шумор мерафт. Ва новобаста аз он ки дар сатҳи олӣ таҷрибаи кофӣ наандӯхта буд, дилу дидаи бедор, басират дошт ва маҳз ҳамин хислатҳои фитрӣ ӯро дар шинохти зиндагиву ормонҳои мардум мадад мекард. Зуҳури шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурахши истеъдоди нодире буд, ки аз миёни мардум ва аз ин марзу бум берун омад ва ҳадафҳои олии мардумро амалӣ кард»[1], - менависанд А.Шарифзода ва А.Сатторзода. Чунин арзёбӣ кӯшиши баҳодиҳии ташаккули шахсияти таърихие мебошад, ки дар марҳилаи тақдирсозу мураккаб сари қудрат омад ва нақши таърихии худро дар назди миллат иҷро намуд.

Агар аз ин дидгоҳ ба тасмими ҷомеа нисбат ба эътирофи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат назар андозем, воқеан ҳам мебинем, ки он аз эҳтироми мардуми мо ба ин шахсияти бузург бо дарназардошти хизматҳои арзишмандаш дар таъмини ҳифзи истиқлолияту якпорчагии ин сарзамин, эҷоди фазои сулҳу амният, муаррифии чеҳраи тамаддунофари тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ, рушди гуногунҷанбаи мамлакатамон ва ғайра сарчашма мегирад. Бояд қайд намуд ниҳоди Пешвои миллат моҳиятан сутуни устувори таъмини ваҳдати миллӣ ва ягонагӣ дар кишвар мебошад. Сиёсатшинос А.Раҳнамо таъкид кардааст, ки: «Пешвои миллиро набояд бо падидаҳои манфие чун шахсиятпарастӣ, авторитаризм, мадҳу ситоиши роҳбар канори ҳам гузошт. Пешвои миллӣ шахсиятест, ки маҳз бо ифои нақши воқеии сарнавиштсоз барои давлату миллати худ сазовори эътирофи умумимиллӣ

sadoimardum. tj/ma-lisi-ol/buzurgtaru-saodatmandtar-millatest-ki-ba-adri-buzurgon-va-a-ramononi-zindai-hud-merasad/ (санаи муроҷиат: 20.05.2023).

[1] Шарифзода, А., Сатторзода, А. Асосгузори давлати навини Тоҷикон [Матн] / А. Шарифзода, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2022. – 368 с.

гашта, масъалаи пешвоии ӯ ба таври табиӣ ва воқеӣ аз тарафи ҷомеа қабул мегардад».[1] Мо низ ба ин ақида комилан розӣ ҳастем.

Қабули қонуни конститутсионӣ дар ин бобат икдоми муҳимму саривактӣ буда, баҳри таъмини заминаҳои ҳуқуқии ниҳоди мазкур, ки ба принсипҳои демократия созгор мебошад, амри зарурист. Ҷанбаи дигари муҳимми қонун ҳамин аст, ки он заминаи боэътимоди маънавӣ дошта бошад, ба ҷуз муносиботи муҳимми иҷтимоӣ, ҷанбаҳои равониву маънавӣ ва ахлоқиро мадди назар дорад. Ҳарчанд мақоми Пешвои миллат барои кишвари мо нав аст, аммо моҳиятан дар қиёс ба падидаи президент барои миллати тоҷик бештар қобили қабул буда, қаробати зиёдтар дорад. Президент дар ҷаҳони муосир падидаи бениҳоят маъмул буда, зуҳури Пешвои миллат бошад, тақозои раванди давлатсозӣ дар марҳилаҳои душвори ин ё он давлат буда, ба номи шахсиятҳои бениҳоят муътабар рабт дорад. Муҳимм он аст, ки мақоми Пешвои миллат бо махсусият ва мероси ниёкони мо низ созгор буда, умумиятҳои таърихии зиёд дорад.

Аз нигоҳи ҳуқуқӣ расмикунонии эътирофи ҷонфидоиҳои ин фарзанди фарзонаи миллат ба ҳеҷ ваҷҳ сифату арзишҳои демократии ҷомеа ва давлатҳоро коҳиш надода, баръакс, иттиҳоду ҳамбастагии тоҷику тоҷикистониёнро таҳким бахшид.

Дар санади меъёрии ҳуқуқии мазкур иродаи мардуми шарифи тоҷик ифода ёфта, ба ин васила бори дигар соҳибтамаддун ва қадршинос будани миллати тоҷик собит гардид. Шахсиятҳои маъруфи зиёд низ эътироф карданд, ки маҳбубияти ин Абармарди дунёи сиёсат аз афкору мулоҳиза, фитрату завқу салиқа ва ҷасорату садоқат маншаъ гирифтааст. Мавсуф то ҳадде хоксору қаноатпешаанд, ки вақте ӯро мардум қаҳрамон мегӯянд, бо самимияту сароҳат мардуми тоҷикро қаҳрамон меноманд. Таъкид мекунанд, ки фарзанди ин сарзаминанд ва хизматҳояшон ба ин сарзамин фарзандвор, холисонаву содиқона ва дар заминаи муҳаббат ва ормонҳои миллист.

Чунин иқдом дар марҳилаи нави давлатдорӣ баҳри шаклгирии арзишҳои нави сиёсӣ аҳамияти хос дорад. Он имкон дод, ки ба ниҳоди Пешвои миллат аз диди функсионалию вазифавӣ ва сохторӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир шавад.

Қонуни конститутсионӣ муқаррар кардааст, ки: «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат интихоб гардида, дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 дар асоси овоздиҳии умумихалқӣ аввалин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда

[1] Ҳаким, А.Р. Пешвои миллӣ будани Эмомалӣ Раҳмон рисолати ӯст [Манбаи электронӣ] / А.Р. Ҳаким. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2015/11/ (санаи муроҷиат: 05.05.2023).

гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст».[1]

Ҳарчанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле пештар Пешвои миллат эътироф шудаанд, вале баҳри аз лиҳози ҳуқуқӣ расмикунонӣ моддаи 2 Қонуни конститутсионӣ муқаррар кардааст, ки «Ба сифати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки барои халқи Тоҷикистон хизматҳои бузургу беназир кардааст, эътироф карда мешавад».[2] Яъне, қонуни конститутсионӣ вазъи ҳуқуқии Пешвои миллатро дақиқ муайян намудааст.

Омилҳои таҳкимбахши эътимоди шаҳрвандон ба Пешвои миллат дар он зоҳир мегардад, ки маҳз ин Абармард пояҳои фалаҷгардидаи давлатдориро аз сифр оғоз, хазинаи ба ғоратрафтаро ғанӣ, артишу сохторҳои қудратиро аз нав тарҳрезӣ намуда, мақоми миллати тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошта, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатеро бо номи Тоҷикистон сабт намудаанд. Шаҳрвандон шоҳид гардиданд, ки истеъдоди фавқулодаи давлатдорӣ, маҳорати камназири сиёсатмадорӣ ва ҷидду ҷаҳди хастанопазири пайвастаи ӯ барои тадриҷан ба давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона табдил ёфтани Тоҷикистон замина фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ниҳоди Пешвои миллат унсури сохта ва сунъӣ дар низоми сиёсии кишвар набуда, он заминаҳои устувори маънавию таърихӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва сиёсию иҷтимоӣ дошта, натиҷаи эътирофи ҷомеа аз меҳнатҳои шахсияти таърихии миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Эътирофи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Пешвои миллат натиҷаи талошҳои беназири ӯ дар масири давлатсозии навин буда, баҳри муттаҳидӣ ва ягонагии мардуми кишвар омили муҳимм маҳсуб меёбад. Ин ниҳод хусусан дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти хос дошта, ҷиҳати тақвияти ҳувияту худшиносӣ хеле муҳимм арзёбӣ мегардад.

## ХУЛОСАҲО

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи ҷанбаи сиёсии мавзуи нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ яке аз нахустин кӯшишҳои муаллиф дар самти таҳқиқи илмии масъала мебошад. Истифодаи маводи ғании илмӣ ва сарчашмаҳо имкон доданд, ки масъалаи мазкур аз лиҳози назариявӣ ва ҷанбаи амалӣ ҳамаҷониба таҳқиқ шавад. Дар натиҷаи таҳлили масъала ба хулосаҳои зерин ноил гардидем:

[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №11. – мод.872.

[2] Дар ҳамон ҷо.

1. Соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ мафҳумҳои ифодакунандаи як мазмун буда, дар маҷмӯъ вазъиятеро ифода мекунанд, ки дахолати дигар давлату ташкилотҳо ё субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ ба фаъолияти онҳо манъ аст. Инро тавассути санадҳои муайяни меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудан мумкин аст. Ҳарчанд дар замони муосир назария ва консепсияҳое низ пайдо шудаанд, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ тадбирҳои муайяни халалдоркунандаи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолиятро тарғиб мекунанд. [2-М].

2. Дар илми муосири ватанӣ як силсила таҳқиқоте анҷом пазируфтаанд, ки истиқлолиятро аз диди сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва таърихӣ таҳқиқ намуда, хусусиятҳои онро дар шароити Тоҷикистон муайян намудаанд. [2-М].

3. Соҳибихтиёрии миллӣ навъи соҳибихтиёрие мебошад, ки иттиҳоди мардумии аз лиҳози забониву фарҳангӣ ба ҳам муттаҳид мустақилият ва ҳаққи худашонро роҷеъ ба муттаҳид шудан ва ташкил намудани давлат бидуни дахолати дигар миллатҳо эълон менамоянд. Яъне, як миллат ҳуқуқи муттаҳид шуданро дар паҳнои як давлат эълон медорад ва ба ин васила, ҳамчун миллати дорои хислати сиёсӣ эҳтиром ва эътироф мегардад. [2-М].

4. Нақши сарвари сиёсиро дар рушди ҷомеа дар тамаддуни инсонӣ аз замонҳои хеле қадим эътироф намуда, муваффақияти ҷомеаро аз бисёр ҷиҳат бо он алоқаманд медонанд. Ҳамин аст, ки мутафаккирону донишмандони замонҳои гуногун ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Он дар доираи илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърих, психология, сотсиология мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст, ки аз гуногунҷанба будани мавзуъ дарак медиҳад. [4-М].

5. Сарвари сиёсӣ ба сифати шахсияти таърихӣ нафаре эътироф карда мешавад, ки ҷомеаҳоро роҳнамоӣ намуда, баҳри сарҷамъӣ ва ягонагии онҳо кӯшиш мекунад. Сарварон дар ҳама давру замон ҳамчун ҳимоятгарони манфиату давлату миллатҳо баромад намуда, баҳри пойдории онҳо нақши таърихӣ бозидаанд. [3-М].

6. Соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон зери таъсири омилҳои гуногуни дохилию хориҷӣ сурат гирифт, ки сиёсати бозсозӣ, рушди гуногунандешӣ, озодии баёну ақида дар якҷоягӣ бо рӯҳи истиқлолхоҳӣ аз ҳамон ҷумлаанд. [2-М].

7. Соҳиб шудан ба соҳибистиқлолӣ дар шароити паст будани сатҳи маърифат ва фарҳанги сиёсӣ, халои идеологӣ, номуташаккилии сиёсии ҷомеа ва сиёсатбозии неруҳои гуногуни сиёсӣ, аз қабили ҳизби динӣ боиси сар задани бархӯрди шадиди ақидавӣ, тафриқаандозӣ, авҷ гирифтани маҳалгароӣ ва истифодаи зӯрӣ гардида, дар охир ба ҷанги шаҳрвандӣ боис гардид. [2-М].

8. Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, дар марҳилае, ки ҳанӯз пояҳои истиқлоли давлатӣ суст буданд, маънои хатари бузургро дошта, ҳастии минбаъдаи давлати ҷавонро зери суол қарор дода буд. Дар чунин шароит ба

сари қудрат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси наҷоти миллат ва давлат гардид. [4-М].

9. Таърихи ниёконамон гувоҳи он аст, ки хислатҳои хоси миллиро таърих муайян менамояд. Ба миллати тоҷик чунин хислатҳои писандида, аз қабили некандешӣ, фурӯтанӣ, тақводорӣ, вафодорӣ ба Пешво, меҳмоннавозӣ, ҷавонмардӣ, садоқат ба сухан ва монанди инҳо хос аст. Аз ин рӯ, ин миллат дар қатори миллатҳои бонуфузи дунё бо чунин хислатҳои миллии хеш, аз қабили садоқатмандӣ ва пойдории маънавию фарҳангӣ мақоми хоса дорад. [4-М].

10. Бояд зикр кард, ки ниҳоди «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», агарчанде асосҳои ғоявии худро аз таҷрибаи инкишофи ҷаҳонии ин падида гирифта бошад ҳам, дар Конститутсия якбора ва ҳамвора муқаррар нашуда, он бо ташаккули вазъи конститутсионӣ-ҳуқуқии худи «Президент» алоқаманд буда, бо мушкилиҳои муайяне рӯ ба рӯ гаштааст, ки ба онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 бо тағйиру иловаҳояш хотима гузошт. [3-М].

11. Ниҳоди Пешвои миллат ҳамчун арзиши нави сиёсӣ дар ҷомеа мавқеи хос дошта, тавассути қабули қонуни конститутсионӣ вазъи ҳуқуқии он дақиқ карда шуд. Ин амал тақозои принсипҳои демократӣ буда, қонунмандии ниҳоди мазкурро дар ҷомеа таъмин мекунад. [3-М].

12. Миллатҳои пешрафтаи ҷаҳон бо роҳбарии сарваронашон тавонистанд мазмун ва муҳтавои идеяи миллии худро ташаккул диҳанд. Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки маҳз бо ибтикори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи тадбирандешиҳо бахри таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва тақвияти ҳувияти миллӣ рӯҳияи миллӣ ба вуҷуд омад. [1-М].

13. Тавре маълум аст, асоси рӯҳияи миллиро ифтихори миллӣ ташкил медиҳад, ки он иборат аз падидаҳои худмуайянкунӣ, худшиносӣ ва эътирофи худ мебошад. Рӯҳияи миллӣ, ки дар саргаҳи он Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд, дар ташаккули худшиносии миллӣ низ таъсиргузор аст, зеро дар ин замина иродаи матин ва бедории миллӣ имконпазир мегардад. [2-М].

14. Муҳимм он аст, ки Пешвои миллат барои ба даст овардани музаффариятҳои миллӣ ва беҳсозии кишвари хеш идеяҳои беназир ва пурмоҳиятро рӯйи кор оварда, шаҳрвандонро дар атрофи худ муттаҳид намуданд. Сохтмони иншооти бузурги аср, аз ҷумла НБО-и «Роғун», шаҳодати ин гуфта аст. Ҳар иқдоме, ки ин Абармард барои пешрафти давлату миллат пеш гирифтаанд, амалест, ки ба идеяи миллӣ омезиш ёфта, истиқлолияти давлатиро таҳким бахшида, дурнамои неки давлатсозиву давлатдориро таъмин менамоянд. Хушбахтона, ҳоло миллат Пешвое дорад, ки ҷуз наҷоти миллат ва сарбаландию хуррамии рӯзгори тоҷикистониён мақсаде волотар надорад. [5-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

- дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сохтори алоҳида оид ба таҳқиқи фаъолияти ниҳоди Пешвои миллат таъсис дода шавад. Бояд мадди назар дошт, ки иқдомҳои дар ин самт амалишаванда бояд нусхабардории якдигар набошанд. Ҷанбаҳои сиёсӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ ва фарҳангию иҷтимоии ниҳоди Пешвои миллат бояд мавриди пажӯҳиш қарор дода шавад;

- ибтикори дар доираи қонуни чанде пеш қабулшуда «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» барои муассир гардидани ин иқдом мусоидат хоҳад кард. Ин амал бояд баҳри боло бурдани сатҳи маърифат ва фарҳанги сиёсии ҷомеа мусоидат намуда, дар роҳи шинохт ва эътирофи арзишҳои нави сиёсӣ мусоидат намояд;

- вобаста ба тарғибу ташвиқи накши ниҳоди Пешвои миллат дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ мебояд бо ҷалби ашхоси донишманд чорабиниҳои ба масъалаи мавриди назар рабтдоштаро дар сатҳи хубу сифати баланд доир намуд, то ҳисси ифтихор аз доштани Пешвои миллат ва давлати соҳибистиқлол рукни таркибии фарҳанги сиёсии ҷомеа гардад;

- дар заминаи баргузории ҳамоишҳои илмӣ - оммавӣ таҷрибаи кишварҳои дигар дар масъалаи эътироф ва муттаҳидии халқ дар атрофи пешвоён ва бунёдгузорони давлатҳо ба сифати ғояи тарғибгари ваҳдат, нигоҳдошти ҳувият, худшиносӣ ва дастовардҳои таърихӣ мавриди баррасии доимӣ қарор дода шавад;

- ҷомеа дар шароити таҳаввулоти босуръат ва бисёр мураккаби ҷаҳони муосир қарор дорад, ки дар он раванду тамоюлҳои гуногуни манфӣ низ ҳастанд ва метавонанд ба истиқлолият, пояҳои давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва гузашта аз ин, ба ҳастии миллат хатар эҷод намоянд. Ташаккул додани тафаккури давлатӣ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз соҳибистиқлолӣ бояд меҳвари корҳои идеологии мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил диҳад;

- таҷрибаи давлатдории ин Абармарди дунёи сиёсат, асосҳои назариявию консептуалии он ба таври васеъ ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шаванд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Мерганов, Д. Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкиму тақвияти Созмони ҳамкории Шанхай [Матн] / Д. Мерганов// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №3. – С.123-129.

[2-М]. Абдулло, Д.А. Саҳми Пешвои миллат дар эҳёи рукнҳои давлатдорӣ дар Тоҷикистон. Ҷанбаи сиёсӣ [Матн] / А.Д. Абдулло // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ). – Хуҷанд, 2022. – №4 (93). – С.123-132.

[3-М]. Абдулло, Д.А. Ниҳоди Пешвои миллат: Мафҳум, моҳият ва асосҳои сиёсӣ – ҳуқуқӣ [Матн] / А.Д. Абдулло // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4/1 (58). – С.391-400.

[4-М]. Абдулло, Д.А. Пешвои миллат намунаи барҷастаи садоқат ба арзишҳои миллӣ ва давлатӣ [Матн] / А.Д. Абдулло // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №3. – С.141-149.

[5-М]. Абдулло, Д.А. Истиқлолияти давлатӣ ва давлатдории Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / А.Д. Абдулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – Қ.1. – С.284-292.

[6-М]. Хидирзода, М.У., Абдулло, Д.А. Хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва тақвияти эътимоди ҷомеа ба он дар Тоҷикистон [Матн] / У. М. Хидирзода, А.Д. Абдулло // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4/2 (64). – С.291-300.

## МАЪРӮЗАҲО ДАР КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ – АМАЛӢ

[7-М]. Мерганов, Д. «Эмомалӣ Раҳмон - заминагузори истиқлолияти энергетикӣ ва меъмори ин бегазанди кохи нур» [Матн] / Д. Мерганов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ», (шаҳри Душанбе, 03 сентябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.224-233.

[8-М]. Абдулло, Д.А. Сиёсати муваффақи хориҷӣ ва саҳми Пешвои миллат дар ин раванд [Матн] / Д.А. Абдулло // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Ваҳдати миллӣ ва нақши он дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон», (шаҳри Душанбе, 7 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С.197-201.

# АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ

**Калимаҳои калидӣ:** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Истиқлоли давлатӣ, ниҳоди Пешвои миллат, ҷанги шаҳрвандӣ, арзишҳои миллӣ, ҳадафҳои стратегӣ, сарвари сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, худшиносӣ, давлатдории миллӣ, зиракии сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ,таҳкими демократия, ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои милливу давлатӣ.

**Мақсади таҳқиқот муайян ва асоснок намудани** заминаҳои таърихию сиёсии ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, ташаккули ниҳоди сарварии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳоди нақши Пешвои миллат дар таҳкими давлатдории миллӣ мебошад.

Ҳангоми иншои диссертатсия мо бештар аз методҳои илмҳои сиёсӣ, махсусан аз методҳои таҳлилӣ, таърихӣ, тарҳрезии сиёсӣ, системанокӣ, муқоисавӣ, коммуникатсионӣ, ояндабинӣ ва мушоҳидавӣ истифода намудем.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз он иборат аст, ки мазмун, моҳият ва хусусиятҳои илмию назариявии масъалаи истиқлоли давлатӣ таҳлилу муайян гардида, мавқеъ ва ақидаҳои сиёсӣ вобаста ба он асоснок карда шуданд; заминаҳои таърихию сиёсӣ ва консептуалии нақши сарвари сиёсӣ дар таҳкими давлатдорӣ аз диди назариявию илмӣ муайян ва асоснок карда шуданд; моҳияти заминаҳои таърихию сиёсӣ ва василаҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва асоснок карда шуданд; нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули ниҳоди нави сарварӣ муайян карда шуда, мақом ва нақш сарвари сиёсӣ дар бартараф намудани низои шаҳрвандӣ ва таҳкими истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон таҳлилу асоснок карда шуд; раванди ташаккул ва нақши ниҳоди президентӣ дар пойдор гардидани истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва ҳифзи дастовардҳои истиқлол муайян ва асоснок карда шуд; хусусиятҳои ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ҳамчун падидаи нави сиёсию ҳуқуқӣ омӯхта шуд.

**Натиҷа ва пешниҳодҳои аз таҳқиқи мавзуъ** бадастомадаро ҳангоми таълифи дастурҳои методӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои сиёсатшиносӣ, таърих, психология ва сотсиология метавон истифода намуд. Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи барномаи курсҳо, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

**АННОТАЦИЯ**

диссертации Абдулло Далера Абдулло на тему «Роль института Лидера нации в защите и укреплении государственной независимости» (опыть Таджикистана) на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии

**Ключевые слова:** Основатель мира и национального единства – Лидер нации, государственная независимость, институт Лидера нации, навязанная гражданская война, национальные ценности, стратегические цели, политический лидер, национальное единство, самопознание, национальная государственность, политическая бдительность, гражданское общество, укрепление демократии, глобализация, государственные и национальные интересы.

**Цель исследования заключается в том, чтобы определить и обосновать** историко-политические предпосылки приобретения государственной независимости, становления института политического лидерства в Республике Таджикистан и роли Лидера нации в укреплении национальной государственности.

При написании диссертации мы преимущественно применяли методы политических наук, особенно аналитический, исторический, политического планирования, системный, сопоставительный, коммуникационный, наблюдательный методы, а также методы и прогнозирования.

**Научная новизна диссертации** состоит в том, что анализу и рассмотрению подвергнуты суть, содержание и научно-теоретические особенности проблемы государственной независимости, обоснованы политические взгляды и идеи, связанные с ней; с научно-теоретической точки зрения установлены и обоснованы историко-политические и концептуальные основы роли политического лидера в укреплении государственности; определены и обоснованы историко-политические предпосылки и пути приобретения государственной независимости в Республике Таджикистан; установлена роль XVI Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в становлении нового института лидерства, проанализированы и обоснованы роль и место политического лидера в устранении гражданского противостояния, укреплении государственной независимости в Таджикистане; рассмотрен и проанализирован процесс становления и роль института президентства в укреплении государственной независимости Таджикистана, защите достижений независимости; исследованы особенности становления института Лидера нации в Таджикистане в качестве нового политико-правового явления.

**Результаты и рекомендации,** достигнутые по итогам исследования, могут быть применены при составлении методических инструкций, учебных программ по политологии, истории, психологии и социологии. Материалы диссертационной работы могут быть использованы в ходе научно-исследовательских работ, проведении государственных мероприятий, при разработке программ для спецкурсов, а также при проведении занятий со студентами и аспирантами.

Thesis brief

of the dissertation by Abdullo Daler Abdullo on the topic “The role of the institution of the Leader of the Nation in protecting and strengthening state independence” (the experience of Tajikistan) for the academic degree of candidate of political sciences in specialty 23.00.02 – Political institutions, processes and technologies

**Key words:** Founder of peace and national unity - Leader of the nation, state independence, institution of the Leader of the nation, imposed civil war, national values, strategic goals, political leader, national unity, self-knowledge, national statehood, political vigilance, civil society, strengthening democracy, globalization, state and national interests.

The purpose of the study is to identify and substantiate the historical and political prerequisites for the acquisition of state independence, the formation of the institution of political leadership in the Republic of Tajikistan and the role of the Leader of the Nation in strengthening national statehood.

When writing the dissertation, we mainly used methods of political science, especially analytical, historical, political planning, systemic, comparative, communication, observational methods, as well as forecasting methods.

The scientific novelty of the dissertation lies in the fact that the essence, content and scientific and theoretical features of the problem of state independence are analyzed and considered, political views and ideas related to it are substantiated; from a scientific and theoretical point of view, the historical, political and conceptual foundations of the role of the political leader in strengthening statehood have been established and justified; the historical and political prerequisites and ways of acquiring state independence in the Republic of Tajikistan are identified and justified; the role of the XVI Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan in the formation of a new institution of leadership was established, the role and place of the political leader in eliminating civil confrontation and strengthening state independence in Tajikistan was analyzed and justified; the process of formation and the role of the institution of presidency in strengthening the state independence of Tajikistan and protecting the achievements of independence was reviewed and analyzed; the features of the formation of the institution of the Leader of the Nation in Tajikistan as a new political and legal phenomenon have been studied.

The results and recommendations achieved as a result of the study can be applied in the preparation of methodological instructions, educational programs in political science, history, psychology and sociology. The materials of the dissertation work can be used in the course of research work, government events, when developing programs for special courses, as well as when conducting classes with undergraduate and graduate students.

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А. БАХОВАДДИНОВА**

**На правах рукописи**

ТДУ 323(092) (575.3)
ТКБ 66.3 (2тоҷик)
А-14

**Абдулло Далер Абдулло**

# РОЛЬ ИНСТИТУТА ЛИДЕРА НАЦИИ В ЗАЩИТЕ И УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ (ОПЫТ ТАДЖИКИСТАНА)

Автореферат
диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии

**ДУШАНБЕ – 2023**

**Диссертация выполнена в отделе политологии Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Хидирзода Махфират Умар** – доктор философских наук, профессор, член Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан |
| **Официальные оппоненты:** | **Шарифзода Лохути Шарифзода** – доктор политических наук, начальник управления науки и инновации Российско-Таджикского (славянского) университета<br>**Абдуллоев Насуло Сайфуддинович** - кандидат политических наук, доцент кафедры философии Кулябского государственного университета имени А. Рудаки |
| **Ведущее учреждение:** | **Таджикский университет коммерции** |

Защита диссертации состоится «1» марта 2024 года, в «$13^{00}$» на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-001 при Таджикском национальном университете (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус №15).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке Таджикского национального университета (г. Душанбе, пр. Рудаки, 17) и на официальном сайте ТНУ www.tnu.tj

Автореферат разослан «______________» 2024 года

И.о. ученого секретаря диссертационного совета доктор исторических наук — Акрами З.И.

## Введение

**Актуальность темы исследования.** Независимость является важнейшей основой государственности, достижение и упрочение которой требует значительных усилий от каждого народа и нации. Это явление мы могли наблюдать на примере Таджикистана. Наша успешность на пути защиты и укрепления независимости страны непосредственно связана с патриотическими усилиями, добрыми намерениями, твёрдой политической волей Президента страны, значительной мировой политической фигуры, Его Превосходительства Эмомали Рахмона. Данный аспект является бесспорным историческим аргументом, который подтверждается опытом новейшей государственности.

К числу достижений государственного управления уважаемого Эмомали Рахмона относятся спасение страны от навязанной гражданской войны, установление мира, национального единства, формирование «таджикской культуры мира», укрепление государственной независимости, всеобъемлющие реформы, восстановление органов государственного управления, принятие государственных символов, почитание исторических, национальных и культурных ценностей, формирование системы национального законодательства, повышение статуса таджикского языка, провозглашение четырёх стратегических целей правительства, создание благоприятных условий для бизнеса, привлечения инвестиций, начало строительства многочисленных гидроэлектростанций, в том числе Рогунской ГЭС, проявление глобальных инициатив в водной сфере, усилия в направлении устранения различий между городом и селом, улучшение уровня и качества благосостояния граждан, снижение уровня бедности, невиданный рост ВВП, государственного бюджета, заработных плат, пенсий, стипендий и др.

